Давлати Раҳмониён

Дар сояи қалам

Душанбе
«Адиб»
2021

ТКБ: 84тоҷик 7-5
Р-44

Муҳаррир:
Хурсандӣ Ҳоҷимурод

Муҳаррири нашриёт:
Сафар Амирхон

Давлати Раҳмониён. Дар сояи қалам (Маҷмӯаи ашъор). — Душанбе: «Адиб», 2021. — 217 саҳ.

Китоби "Дар сояи қалам"-и шоири рангинхаёл, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода Давлати Раҳмониён ҳосили заҳмати эҷодии чанд соли охир аст. Умедворем, ки чакидаҳои табъи шоир писанди хотири хонандаи закӣ мегардад.

ISBN 978 99975 2 060 9

ҲАДИСИ МУҲАББАТ

Ай кӯҳи Ватан, ба туст рӯи суханам,
Ҷӯшида чу мумиё зи санги ту манам.

Бар фарқам агар тоҷи саодат биниҳанд,
Бинам, ки дар он лаъли ту набвад, фиканам.

Бар миллати худ хитобам ин хоҳад буд:
Эй содаи солхӯрда, тифли куҳанам,

Мероси ман аз падар агар як кафан аст,
Андар сари савдои ту бахшам кафанам.

Меҳре, ки ба бегона бубастам, бибурам,
Аҳде, ки ба ғайри ту намудам, шиканам.

Ҷаҳде, ки ба ту рабт надорад, накунам,
Ҳарфе, ки ба ту дахл надорад, назанам.

Бе ишқи ту ҷони ман зи тан ҳаст ҷудо,
Кафшер кунад ишқи ту ҷонро ба танам.

Азбас сухани Ватан зи ҷонам хезад,
Ҷон аст, ки медамад ба ҷисми суханам.

То дар тани ман асар бувад аз рамақе,
Ҷуз дар раҳи миллату Ватан ҷон наканам.

Чун саҷдагаҳи ҳазор пуштам Ватан аст,
Н-афтад зи даҳан ҳадиси ҳуббулватанам.

ҒАЗАЛИ ИШҚУ ВАТАН

Бе ишқ Ватан Ватан набошад,
Гар ҳаст, барои ман набошад.

Чун хоси Ватан набуд, уфтод
Ҳарфем, ки дар даҳан набошад.

Бо ном Ватан бувад, чу меҳраш
Дар гардани ҷон расан набошад.

Рӯзе, ки ба тахтаам бишӯед,
Аз пахта агар кафан набошад,

Созед кафан зи барги бедам,
З-он бед, ки дар чаман набошад,

З-он бед, ки бо бинои лона
Бар фохтае ватан набошад.

Бе ишқ даруни синаи танг
Дилро ҳаваси задан набошад.

Он дил, ки ба ошиқист якто,
Бо кист, агар ба ман набошад.

Гӯянд: муродифи Ватан чист?
Ишқ аст, дигар сухан набошад!

ШИНОСНОМА

Ман содарустоии шаҳри муҳаббатам,
Саргаштаву ҳавоии шаҳри муҳаббатам.

Дилбурдаам муаллимаи фанни ишқ буд
Дар дарси ибтидоии шаҳри муҳаббатам.

Дар шаҳр расми ошиқӣ аз байн рафтааст,
Ман ошиқи ниҳоии шаҳри муҳаббатам.

Ай шаҳриён, ки рахт ба саҳро кашидаед,
Ҳаргиз на бар раҳоии шаҳри муҳаббатам.

Бар шаҳрдор арзи сипоси маро расон,
Гӯ, розӣ аз гадоии шаҳри муҳаббатам.

Бегонагӣ гузашту намурдам, аз ин ба баъд
Қурбони ошноии шаҳри муҳаббатам.

Ман қаҳрамони шаҳри муҳаббат наям, фақат
Як сокини фидоии шаҳри муҳаббатам.

Аз кони кӯҳ сар зада холис шудам ба шаҳр,
Ман баччаи тиллоии шаҳри муҳаббатам.

ҶОИЗА

Ҳамчу қақнус зи хокистарам ангехтаанд,
Шарари оташи дӯзах ба дилам рехтаанд.

Иддае дасти иродат суи ман карда дароз,
Панҷаи сӯхта афшондаю бигрехтаанд.

Узви ҳизбест дилам, к-аз сару по аъзояш
Банду занҷири баровехта бигсехтаанд.

Дасташон дард набинад, ки ба ҳам душману дӯст
То зари соф шудан хоки маро бехтаанд.

Субҳ анбӯҳи ғуборам ба рух андохтаанд,
Шом шамшери ҳилолам ба сар оҳехтаанд.

То дами марг зи таъсир нахоҳад уфтод
Нашъаи ишқ, ки дар хуни ман омехтаанд.

Ман, ки аз рӯзи азал ҷоизадори ишқам,
Дил нишонест, ки бар синаам овехтаанд.

ДАСТИ ШИРИН

Дасти шахшӯли падарро хоб дидам,
Дасти рост —
он сояи беминнати болои сарро хоб дидам.
Дасти шахшӯле, ки ҳар гаҳ шоф мешуд,
Ҳар касе, ки дар муқобил буд,
Ё сияҳ, ё соф мешуд.

Дасти шахшӯле, ки як ангушт камтар дошт,
Дар чаҳор ангушти боқӣ
Чил ҳунар дошт.
Бо камию костӣ умре ҷиҳодаш буд,
Чунки дар мушт
Чор ангушт иттиҳодаш буд.

Дасти шахшӯле, ки аз тилло набуд,
Лек ангуштони чун тиллои холис бебадал дошт.
Соҳиби он даст
Дар таги гелосу зардолуву анҷиру анор
Чор рад кандуи занбӯри асал дошт.

Дасти шахшӯле, ки сӣ соли дароз
Коми моро бо асал тар кард,
Зиндагиро зиндагитар кард.

Ростӣ, лутфи Худо буд
Бар сари мо дасти шахшӯли падар,
Дасти ширин,
Дасти занбӯриасалпарвар...

БИҲИШТИ МУРҒОН

Дар боғчаи ҳотаи мо гунҷишкон
Бо майнаву мӯсича ҳамово шудаанд.
То дон бихӯранд аз кафи хоҳари ман,
Якҷо шудаанд.

Монад ба муҳити бетараф аз сари субҳ
Атрофи пур аз парандаву мурғи Садаф*,
Бар мурғаки хонагиву бар мурғи ҳаво
Ду ҳисси баробар кунад ӯ донаи каф.

Рӯзе, ки дар ин манзили амнам сокин,
Монанд ба мурғакони хушиқболам,
Бо нону фатир оши борик зада,
Меҳмони азизи хоҳари хушҳолам.

Мулки падарист бар ман осоишгоҳ,
Дар кулбаи модар аст осоиши ман.
Аз тири камонҳӯлаки тифлон дур аст,
Ин ҳота биҳишт аст ба мурғони Ватан...

*Садаф - номи хоҳари муаллиф.

ГУЛИ АРМОН

Буд модари гулпарасти ман гулпарвар,
З-ин рӯ насупурдаам ба дасташ гули тар.

Шояд, ки зи ман туҳфа ҳамин гул мехост,
Мехост, ки гулдаста ситонад зи писар.

Аммо чи кунам, ки гул набурдам баҳраш,
З-ин ғусса дилам доғ бувад то маҳшар.

Аз баҳри талофии гуноҳам як ҷуфт
Садбарг нишондаам ба хоки модар.

Ҳар бор, ки бӯи ғунча хезад зи мазор,
Ҳар бор, ки садбарг бигардад пар-пар,

Хуншор шавад дубора доғи дили ман,
Афсӯс дамад аз лаби ман бори дигар.

Бишкуфта гули шафақ нисораш бодо,
Бо фотиҳаи хондаи ман шому саҳар.

Армон набарам, агар ки як рӯзи баҳор
Бо гул биниҳам бар забари гӯраш сар.

НАХЛИ ОРЗУ

Бахт ҳаргиз натавонад, ки зи ман баргардад,
Ҳар қадар пир шавам, ишқ ҷавонтар гардад.

Гарчи аз ёд равад, он чи зи сар рафт маро,
Чарх дар хотираам сурати модар гардад.

Чашми ман чашмаи софист, дар он душмани ман
Чеҳрааш бинад агар, ёру бародар гардад.

Ҳар тараф рӯй кунӣ, пеш хушунат ояд,
Кош, дар чор тараф отифа бовар гардад.

Дӯст ҳар бор зи ман қадри фаровон хоҳад,
Қадри мо чун қади мо боз баробар гардад.

Соғар аз каф биниҳам, бар асари ҷӯшиши хун
Сари шӯридаи ман соғари дигар гардад.

Кош, ҳар орзуи сабз, ки бар хок барам,
Сар занад аз гили ман, нахли тановар гардад.

ПАРИ МУРҒИ САҲАР

Чӣ мехоҳад дили ғамгинам аз ту,
Ҳамепурсад ғами деринам аз ту.

Ғаме, ки тоза бадном аст бо ишқ,
Магар дар хоби шаб, мебинам аз ту.

Шикасти орзуямро далел аст
Хати пешонии пурчинам аз ту.

Тамоми умр қӯи интизорист
Ба бӯи сояе болинам аз ту.

Барои бистари хоби қиёмат
Пари мурғи саҳар мечинам аз ту.

Шафеи дигарам ҷуз лутфи Ҳақ нест,
Агар афтад халал дар динам аз ту.

Агарчи дар ду олам ғайри мурдан
Набошад доруи таскинам аз ту,

Амонам медиҳад гардуни қотил,
Ки дӯзахро намурда бинам аз ту…

ДИЛИ МАН ЧУ ТИФЛИ БЕҶОН

Ту дилам чунон шикастӣ, ки ба ҳам наорам онро,
Нагузорӣ, ар бихоҳам, ки фурӯ гузорам онро.

Ба бағал шаҳид дорам, ту бирониӣ аз мазорам,
Ба мазори синаи танг чӣ сон супорам онро?

Дили ман ситораам буд, ки роҳ менамудам,
Ба куҷо равам ман, ай шаб, ки дигар надорам онро.

Дили ман мидоди ман буд, ки ранг меситондам,
Ғазалам ба хотир ояд, ба чӣ менигорам онро?

Чу надорад ихтилоте ба сиришти ман дили ман,
Начакад зи чашмам олола, агар фишорам онро.

Зи гулӯ фиғони гунгам наравад чу буғз берун,
Нафасам дарун фитодаст, ба ҷон барорам онро.

Дили ман чу тифли беҷон зи бағал намефарояд,
Ба Худо, наметавонам ба лаҳад фарорам онро…

ИНШО

Макун диққат, машав ташвиш,
Мапурс аз чанду аз чунам.
Магир андозаам, охир,
Ман аз андоза берунам.

Маро таҳрир натвон кард,
Ки болотар зи эҷодам. –
Ман иншои Худовандам,
Вале иншои озодам.

ҒУНЧАХАНД

Зиндагонии гул осон мешуд,
Куштаи барфи баҳорон мешуд?

Шохи олуча яди байзо буд,
Марг, ай кош, пушаймон мешуд!

Рӯз тақлид намекард ба шаб,
Чашми хуршед намоён мешуд.

Нафасам сард зи барфафшон аст,
Кош, баргашта гулафшон мешуд.

Гиря тӯфон кунад аз чашми баҳор,
Ханда мебуд, ки тӯфон мешуд.

Хандаи ғунча зи нав метаркид,
Ватанам хонаи тифлон мешуд.

ҒАЗАЛИ ФАРЁД

Ман зодаи баҳораму гӯё хазониам,
Умре асири ҳолати сахти равониам.

Монад замон ба чархаи ресандагӣ, дар он
Новақт канда гашт нахи навҷавониам.

Чун хоси аҳли дил бувад, аз ӯ наҷот нест,
Аз қуштагони ишқ на аввал, на сониам.

Талқини паркашиданаш Иблис мекунад,
Бе назм метапад дилаки ормониам.

Чун шеърро ба бонги баланд аст эҳтиёҷ,
Фарёд мекашам ғазали зиндагониам.

Ҳарчанд дар иҳотаи душман фитодаам,
Яъне ки дар ҳисори ғами ҷовидониам.

Ҳаргиз накандаам дилам аз корсозиаш,
Ман бар дари умед хуш аз посбониам.

ДАР ОҲАНГИ ЯК ҒАЗАЛ

Ҳар бор, к-аз барам биравад ошнои ман,
Наздиктар шавад дили ман бо Худои ман.

Бар ҳар қарори додаи ман пушт мекунад,
Озодагист хоси дили бевафои ман.

Ай офтоб, сояам аз ёд бурдаӣ,
Ин тарҳи кист дар ҳама ҷо по ба пои ман?

Ҳар чор фасли умр зимистони ғурбат аст,
Гум бод орзуи расидан ба ҷои ман!

Фарёд мезанам, ки бубандам раҳи сиришк,
Дил мечакад зи гиряи бе ҳой-ҳойи ман.

Ёқутиёи тоза ба исбот мерасад
Аз қитъаи ҷигар ба сари мижжаҳои ман.

Ай рӯди Вахш, оинаи шоди кӯдакӣ,
Рафтам, ки пириям нанамоӣ барои ман.

Лутфи Худост он чи дар оҳанги як ғазал
Бар гӯши осмон бирасонад садои ман.

ҒАЗАЛ

Ҳаргиз магӯ, ки омада аз мо намеравад,
Ман рафтанистам, дилам аммо намеравад.

Дар нуқтаи садоқати ту по фишурдааст,
Чандон фишурдааст, ки аз ҷо намеравад.

Чун моҳии зи шасти ту афтода рӯи рег,
Хуш метапад ба соҳилу дарё намеравад.

Фарёд мезанам, ки фирорӣ шавад, вале
Чун шери беша нест, ба ово намеравад.

Шере, ки ҳабси синаи ман ҷои ишқи ӯст,
Ҳатто агар кунанд дараш во, намеравад.

Дил мубталост, то дами охир ситоданист,
Аз ту, магар ба марги муфоҷо, намеравад.

Бо ин ҳама миёни ману дил тафовут аст,
Ҳаргиз магӯ, ки омада аз мо намеравад.

ЯТИМИ КУЛ

Шоир ойинадори танҳоист,
То дами марг ёри танҳоист.

Сафҳа-сафҳа китоби ашъораш
Лавҳаи ёдгори танҳоист.

Як тани бо ҳазор тан танҳо
Шаҳрванди диёри танҳоист.

Гули гулдони хорасанги сиёҳ
Бандӣ андар ҳисори танҳоист.

Бо сари ёғиву дили тоғӣ
Ҳастияш сарбадори танҳоист.

Шоирӣ чун ятими кул умре
Зистан дар канори танҳоист.

Сад қиёмат нуҳуфта аз дида
Дар дили рӯзгори танҳоист.

Баъди мурдан чу гӯри Фирдавсӣ
Гӯри шоир мазори танҳоист…

ОРМОН

Ай шаҳри орзуи ҷавонии рафтаам,
Ман пир мешавам, ту вале мешавӣ ҷавон.
Паскӯчаҳои танги ту аз ёд мераванд
Бо рӯи дӯстон.

Сар чарх мезанад зи фалаксой хонаҳот,
Болотаранд аз қади ман остонаҳот.
Дидори офтоб набошад муяссарам
Дар хонаи ҷавори баландошёнаҳот.

Танҳоии маро накунад мардуми ту пур,
Гулҳои шоҳроҳи ту аз атр холиянд.
Дил хуш намешавад ба дили кӯчабоғҳот,
Ҳарчанд боғҳои ту бисёр олиянд.

Лағмони чойхонаи «Роҳат» лазиз нест,
Таъми замони шӯравӣ афтода аз даҳон.
Ин чойхона низ чу ман як мусофир аст,
Тарсам, ки рахти хеш бубардорад аз миён.

Ман кам-камак барои ту бегона мешавам,
Вақт аст дасти хеш бишӯӣ аз ин ғариб,
Як пири тангдил шудаам дар канори ту,
Ай шаҳри аз рафиқ тиҳӣ, холӣ аз ҳабиб!

РАМ

Манеҳ бар дӯши кас, ё Раб, ғами ман,
Макун ҷуз ман касеро ҳамдами ман.

Кунад афсонаи шаҳрам ба зудӣ
Хиёнатпешагии маҳрами ман.

Ҳама аз худ раманд, аммо ҳама умр
Набошад ҷуз ба сӯи худ рами ман.

Ман он шоҳам, ки дорад қиссаи дев
Чу мероси Сулаймон хотами ман.

Намонад нуқта бар одамхудоӣ
Зи даст афтодани Ҷоми Ҷами ман.

Маро, эй осмон, аз гиря нанг аст,
Ки меғарқад замин дар шабнами ман.

Хунук хоҳам дили ишқе, ки дорам,
Насӯзад, кошки, дар мотами ман!..

ДАР БАҲОИ ЗИНДАГӢ

Ту аз оғӯши ман ҳамчун ҷавонӣ меравӣ, хуш бош,
Ту он тирӣ, к-аз оғӯши камонӣ меравӣ, хуш бош.

Ба таври ногаҳонӣ омадӣ дар зиндагии ман,
Ҳамон гуна ба таври ногаҳонӣ меравӣ, хуш бош.

Хазон шуд рӯзгори ман, дарахти ман, баҳори ман,
Гули ман, бо умеди бехазонӣ меравӣ, хуш бош.

Ҳавои гиря дорӣ дар гулӯ, аммо ба лабханде
Дилам хуш мекунӣ, бо дилситонӣ меравӣ, хуш бош.

Парида з-осмони бахти ман чун ахтари сӯзон,
Шабеҳи сарнавишти осмонӣ меравӣ, хуш бош.

Ба кӯҳи китфи ман сар монда як дам, офтоби ман,
Зи ман бо дилкашолӣ, саргаронӣ меравӣ, хуш бош.

Туро ҳамчун умеди охирин аз даст хоҳам дод,
Умеди охиринам, ҷовидонӣ меравӣ, хуш бош.

Ту вақте меравӣ, бар зиндагӣ бефарқ хоҳам шуд,
Азизам, дар баҳои зиндагонӣ меравӣ, хуш бош.

ХИТОБА

Дило, ба номи ту ман инқилоб мехоҳам,
Ба бонги «ишқ!» ба гӯшат хитоб мехоҳам.

Чароғи хомуши шабҳои дерёз шудӣ,
Туро ба рӯшании офтоб мехоҳам.

Зи кунҷи синаи торик рахти худ барбанд,
Ки ин сарочаи ғамро хароб мехоҳам.

Машин ба пушти дари ишқ, хез, бор бихоҳ,
Манат муқарраби олиҷаноб мехоҳам!

Дигар муомила бо ман зи пушти парда макун,
Тамоми умр туро бениқоб мехоҳам.

Тамоми умр агар ранҷ мебарам, аз туст,
Зи ту ба рӯзи қиёмат ҳисоб мехоҳам.

Агар даруни ман, ай шуъла, дар намегирад,
Чаро, ба фикри ту, ҳар лаҳза об мехоҳам?

Сари раҳоӣ агар нестат аз ин маҳшар,
Қасам ба марг, ки то ҳашр хоб мехоҳам.

ДИЛЕВУ ГУЛЕ

Ба майли хотири ҳар гулпарасте
Накандам гул, накардам зеби дасте.

Агар дасте ниҳодам бар сари гул,
Надид аз дасти ман боре шикасте.

Гулеро бо дилам монанд кардам,
Ки он дар боғ, ин дар хорбасте.

Дилам то гул шавад андар сари шох,
Барам аз гулбуне рӯзе чигасте…

ҒАЗАЛ

Тӯфонзада кардам зи ғамат дидаи тарро,
Берун натавонам кунам аз ҳодиса сарро.

Андӯҳ чунон теғзан омад, ки ба кӯшиш
Солим набарам аз кафи ӯ лахти ҷигарро.

Ин ишқ балоест, ки чун сел фарояд,
То хонаи гил тахт кунад роҳи сафарро.

То бо туву тақдири ту ҳамқофила гаштан
Эҳсос намекард дилам бӯи хатарро.

Кай фоҷиае беш аз ин аст, ки умре
Ман дӯст туро дораму ту дӯст дигарро.

Аз ҳоли ғарибам кӣ кунад бо ту ҳикоят?
Эй кош, бигирад ғазалам шакли хабарро.

ҲАВАС ДОРАД

Дили девонаам як лаҳза оромӣ ҳавас дорад,
Ғамошомии ман акнун майошомӣ ҳавас дорад.

Дилон коме ҳавас доранд, чун ёбанд, хушбахтанд,
Дили бадбахти ман як умр нокомӣ ҳавас дорад.

Ҳама хушномии имрӯзу фардоро ҳамехоҳанд,
Сари шӯридаам з-ин байн бадномӣ ҳавас дорад.

Ҷудоиро ҳавас дорад дили хунгаштаам аз ёр,
Чунонки васлро дар Каъба эҳромӣ ҳавас дорад.

Агар такрор гардад хоби дида баъди чандин сол,
Дилам дасти дуои Ҳазрати Ҷомӣ ҳавас дорад.

ҒАЗАЛ

Хуршеди ман! Ин субҳ ба ёдат нарасидам,
Чун мурғи шаб аз лонаи чашми ту паридам.

Пинҳон набувад ҳолатам аз ҷуфти гувоҳам,
Чашмони маро пурс, ки имшаб чӣ кашидам.

Чун шаб ба ҳам овардани мижгон натавонист,
Бо дидаи бедор туро хоб бидидам.

Гардуни сияҳкоса чу наздики лаб овард,
Аз косаи маҳ заҳри фироқи ту чашидам.

Гӯш асту забон аст гувоҳам, ки ба маҷлис
Ҷуз номи ту ҳаргиз нагирифтам, нашунидам.

Ҳарчанд ки як умр давидам ба сад уммед,
Дар кӯчаи бунбаст ба ишқи ту расидам.

Азбаски хаёлат ҳама дам дар дили ман буд,
То пир шудан рӯ ба суроғи ту давидам.

То ҳадяи шоҳона биёрам ба ту, имшаб
Аз дасти мижа гавҳари шаҳвор харидам.

СИПОС

Сипос, ай Ишқ, ай ҳамзод, ай дӯст,
Ки бо ман ошноӣ додӣ ӯро,
Тамоми умр кардам орзуяш,
Ба ман наздик кардӣ орзуро.

Чу меафтад ба чашмаш чашми ман гир,
Дилам аз сина мехоҳад паридан,
Ду даст андохтан бояд, Худоро,
Қафасро – синаро бояд даридан!

Агарчи ошиқӣ бар ман ҳаром аст,
Валекин ишқ кори худ бисозад,
Маро девона созад аз раҳи дил,
Дили девонаро бӯсад, навозад.

Сари испедро гирам ба дастам,
Бад-ин ҳасрат, ки марди пир ҳастам,
Вале аз ошиқӣ набвад гузирам,
Ки ман аҳли дил астам, дилпарастам.

Худоё, аҳли дил бе ишқ мирад,
Чу ин қисмат зи дасти ту пазирад.
Агар дастам нагирӣ ҳамраҳи ишқ,
Кӣ дастамро, кӣ дастамро бигирад?...

ШАБОВЕЗ

Донаи ашк дар ойина шуморем ба шаб,
Ҳосили ғуссаи ҳаррӯза барорем ба шаб.

Шаб чу мурғони шабовез ба «ҳақ!» рӯз кунем,
Олами хуфта чӣ донад, ки чӣ дорем ба шаб.

Осмон тахтаи мактаб бувад, азбас рӯяш
Зӯзанабгуна хати нур гузорем ба шаб.

Ахтарон қатраи афтода зи нӯги қаламанд,
Мо ба хуни дили худ нома нигорем ба шаб.

Кош, як дафъа аз ин хуншудани беҳуда
Хешро дар бағали хоб супорем ба шаб.

ҲАМҚИСМАТ

Дарахте дар биёбон қомат афрохт,
Ба бахти оҳувони ин биёбон,
Ки андар сояаш хуш мечариданд,
Баҳорон барги сабзаш меҷавиданд.

Уқоб андар убури дашти сӯзон
Ба шохаш меравонд аз дил малолаш,
Даме дар сояи баргаш нишаста,
Ба чаппу рост меёзонд болаш.

Ва ҳатто сусмор аз бими гармӣ
Панаҳ мебурд зери решаи он.
Дарахте буд, к-аз лутфи Илоҳӣ
Ба домонаш биҳиште дошт гардон.

Вале з-омадшуди мурғони кӯчӣ,
Зи хайли ҷонварони сояпарвар
Намешуд ҳеҷ гаҳ танҳоияш пур,
Танаш оҳиста мехушкид аз сар…

Шабеҳи он дарахтам дар хиёбон,
Чу як ҳамқисмати ӯям, бародар.
Хиёбонам биёбон менамояд,
Самум он ҷову ин ҷо боди сарсар.

Маро як ҷангал арчи имтиёз аст,
Варо нохоста фазл аст бар ман,
Сари як по наларзидаст ҳаргиз
Зи песонидани чашми табарзан.

ДОСТОНИ ВАХШ

Замоне буд, к-андар соҳили Вахш
Тамоми рӯз фурсат мешумурдам.
Дар обаш мезадам худро ҳаросон,
Ба дасти мавҷ танро месупурдам.

Ҳазорон кушта меомад зи боло,
Ба хун олуда мегардид Вахшоб.
Дилам буд моҳии афтода дар дом,
Набудам иштиҳо он гуна ки хоб.

Ба пушти сангари деҳа нишаста
Ба худ андеша мекардам ҳама шаб:
Киро бояд намонам сӯи деҳа?
Кӣ душман бошаду кӣ дӯст, ё Раб?

Ҳамешуд рӯзи ман дар интизорӣ,
Ки инак мерасанд аз баҳри қатлам.
Кӣ меояд? Кӣ меояд, Худоё,
Кӣ месозад нагун нохӯрда ратлам?

Кӣ меояд? Рафиқи динаи ман?
Касе, ки дар канори ман калон шуд?
Касе, ки буд дар дасташ каланде
Диву имрӯз соҳиб бар камон шуд?

Гузашти рӯзу шаб аз ёд мерафт,
Дилам буду умеди рафта барбод,
Наҷот омад вале аз ҷониби Ҳақ,
Чӣ битвон кард бо фарди худодод?

Вале аз рӯзгори рафтаи ман
Ҳамин ҳикмат бароям гашт бовар:
Чу даст аз ҷон бишӯӣ, нест фарқе
Миёни зиндагиву марг дигар…

ШИКАСТ

Нарафта то ба шаст афтод шастам,
Шудам аз даст, то аз по нишастам.

Задам худро ба фикри шиша дар санг,
Ҷавониро дар ойина шикастам.

Шабе бар ишқ имонам қавӣ шуд,
Саҳар бархостам, ки бутпарастам.

Агар баргашта ояд ишқи рафта,
Намепечад дигар дасташ ба дастам.

Ба танг омад дилам аз ранҷи ёрӣ,
Илоҷе нест, аз ёрон гусастам.

Дили пирам надорад тоби ҷода,
Барояд аз лаби сӯзон пуфастам.

Нафас боқист, ин иқбол кофист,
Худоро шукр мегӯям, ки ҳастам.

НОСУР

Духтарам дилшикаста меояд,
Гӯӣ аз ҷодаи дусадсола,
Лаҳзае сар ба китфи ман монда,
Бо лаби баста мекунад нола.

Нолагар чашмакони ӯ ҳастанд,
Чашмакони ҳамеша ғамгинаш,
Понздаҳ соли дурӣ аз бари ман
Талх кардаст хоби ширинаш.

Духтарам дилшикаста меояд,
Менишинад даме ба пеши падар,
Ашки ногаҳ чакида аз чашмаш
Намакоб аст рӯи реши падар.

Аввали ё ки охири ҳар моҳ
Суҳбатам чанд лаҳза дарёбад,
Хира гардад ба сурати пирам,
Рӯзгори гузаштаро кобад.

Тифлиаш гашт пушти сар, аммо
Пушти ҳар оҳ қиссааш боқист.
Захми тақсими модару падараш
Рӯи қалби духиссааш боқист.

Бо чунин захм қалби нозуки ӯ
То қиёмат вуҷуди маҷрӯҳ аст.
Захми ӯ дар дил аст, оҳ аз ин
Захми носури ман, ки дар рӯҳ аст!...

ҒАМЕ ДОРАМ

Ғаме дорам, ғаме дорам, ғаме дорам, ғаме дорам,
Ғами мулку ғами тифлу ғами шеъру ғами ёрам.

Ғами мулкаст меросӣ, хушо, бар ворисам фардо
Ғамеро бо чунин барҷастагӣ мерос бигзорам.

Ғами тифлист дар ёдам, падар буду Ватан ҳам буд,
Падар мехонду мехондам: Ватан дорам, чӣ ғам дорам?

Ғами шеър аст пур сангин, дилам шуд зери он парчин,
Худоро шукр, к-ин мардум намехонанд ашъорам.

Ғами ёрам надорад ҳоҷати шарҳе, ба ҷуз такрор:
Ғами ёрам! Ғами ёрам! Ғами ёрам! Ғами ёрам!

Агар гуфтам мушаххас чор ғамро, мухтасар кардам,
Чӣ суд аз бурдани номи ғаму тафсири бисёрам?

Хусусан, аз ғами ишқам намеёрам сухан гуфтан,
Намеёристам инро дӯшу фардо ҳам намеёрам.

Гувоҳӣ медиҳад ғамбодаи ман аз ғами маҳшар,
Аз ин маҳшар, Худоё, то қиёмат марди беморам.

ТАКРОРИ ҒАЗАЛ

Дигар аз ишқ сурудан чи қадар душвор аст,
Пир шуд шоири ошиқ, ғазалаш такрор аст.

Бар димоғе, ки дигар ҳис накунад атри баҳор,
Гули хушбӯйтарин низ гули девор аст.

Сайри саҳро наравам в-ар биравам, гул наканам,
Лола аз раъшаи дастам ҷигари афгор аст.

Оқибат обилаи по ба канорам афканд,
Он чи санги сари раҳ буд, дили бемор аст.

Ҳеҷ бе ғам натавонам сухан орам ба миён,
Як нафар арзи дили ман шунавад, бисёр аст.

ФОЛ

Мепарад чашми чапам,
Ман, ки бемораму аз бахти бадам безорам,
Фоли бад мезанам аз қисмати ноҳамворам...

Гар дили ман уфтад,
Накунад раҳгузаре даст дароз,
То бубардорадаш аз рӯйи замин,
Раҳм кун бар дили ман, Додорам!

В-ар тани ман уфтад,
Нашавад роҳраве такяи ӯ,
То биёрад ба дари даргоҳам,
Раҳм кун бар тани ман, Аллоҳам!

Мепарад чашми чапам,
Мениҳам хас ба сари мижгонам,
Ба умеди карами Яздонам…

ГАВҲАРИ УМР

Диле, ки ошиқат буд, сард гаштаст,
Надорад қуввати ишқи ҷавонӣ.
Ҷудоӣ кори худро кард, охир,
Ба ҷуз дурӣ чӣ дорад зиндагонӣ.

Ту таркаш гуфтиву бечора гардид,
Варо аз зинда будан нанг омад,
Чӣ ҷои синаи тангам, Худоро,
Замину осмонаш танг омад!

Чу зиндонии норозӣ зи қисмат
Сарашро кӯфт бар девори сина,
Ҳисоби вақтро аз ёди худ бурд,
На имрӯзаш ба хотир буд, на дина.

Ҳанӯз андӯҳи ту дар ҷебаи ӯст,
Агарчи сахт пинҳонаш бидорад.
Агар ишқи ту бошад гавҳари умр,
Чаро аз даст осонаш гузорад?

Диле, ки ошиқат буд, пир гаштаст,
Нафас оҳиставу мушкил бигирад.
Фақат ёди ту ӯро зинда дорад,
Агар аз ёди ту монад, бимирад…

САВГАНД

Модаро, баъди ту ғам хӯрдаму ғамхора шудам,
Баъди ту хортарин одами сайёра шудам.

Чун ба марги ту набуд бовари ман, пеши аҷал
Чораи кор надонистаму бечора шудам.

Гарчи дар дидаи мардум нанамояд, ба Худо
Баъди ту сахт парешон шудам, овора шудам.

Баъди ту ҷамъ наёмад дили садпораи ман,
Бо дили пораи худ пора шудам, пора шудам.

Меҳрубонии ту мебурд хушунат зи дилам,
Бе дили нарми ту дилтангу ситамгора шудам.

Бетамаъ нестам аз баъди ту даркори касе,
Модари беғаразам, баъди ту бекора шудам.

Боварам кас накунад, лек ба номи ту қасам, —
Баъди ту сард шудам, санг шудам, хора шудам.

ҚУРБОНӢ

Панҷа кардан ба дард осон нест,
Бо рухи барги зард осон нест.

Дар лаб оҳи гудохта кардан
Нафаси фасли сард осон нест.

Дарди мо мушкил аст, иброзаш,
Шоир ар нест фард, осон нест.

Баҳри ҳар лаҳза зиндагӣ будан
Бо аҷал дар набард осон нест.

"Барраи нар барои қурбонист",
Зинда будан ба мард осон нест…

ДУЧАРХА

Намедонам, муҳаббат буд ё не,
Равонам дошт дар тан беқарорӣ.
Ҳамерондам дучарха лаб-лаби рӯд,
Ки бошам лаҳзае аз худ фирорӣ.

Вале дар рӯ ба рӯи ҳавлии ту,
Ки рӯшан буд аз нури чароғе,
Дучарха ист мекарду намерафт,
Ғубори раҳ намезад бар димоғе.

Садое гар ҳамеомад аз он сӯ,
Ҳамешуд чархи ӯ хобондагӯше,
Вале огаҳ набуд хобондагӯшаш,
Ки дарёи дилам дорад хурӯше.

Агар мегашт тарҳи нозуки ту
Ба испедии деворе ҳавола,
Дилам мечаст аз сина ба берун,
Ҳамегаштам зи пушти дил кашола.

Набуд дар ихтиёрам шуғли шабҳо,
Ҳамемондам ба як маҳтоббурда,
Набуд ҳӯшам ба сар аз субҳ то шом,
Ҳамемондам ба як афтоббурда.

Намеафшонд кас як қатра обам,
Намекард аз сарам ҷӯе равона.
Ду чашми ман буду ҳавлии рӯшан,
Нигоҳи ман буду девори хона.

Ба ман чархидани чархи дучарха
Хабар медод аз айёми гардон,
Чунон гардон, ки зери чархаи он
Намонад гард ҳам аз ҷинси инсон.

Ман аммо будам он гаҳ баччаи кар,
Ба моҳи гунги шаб будам ҳамойин.
Қасам хӯрдан намехоҳам, валекин
Ба фикрам буд он ишқи нахустин…

МЕҲРОБИ ВАТАН

Дар пайи қофила афтед, ки дарёб кунед,
То ҳама обила гардед, диле об кунед.

То зи борони шаҳоб амн бимонед ба роҳ,
Чатри шаб то дари хуршед зи маҳтоб кунед.

Чашма аз чашм кушоед, ки лаб тар гардад,
Дар таболуда биёбон талаби об кунед.

То дар он хонаи оташ аташ аз байн равад,
Оби ташнашикан аз шаҳғазали ноб кунед.

Гар бувад қасди шумо ранҷи раҳи ишқи Худо,
Ёрӣ аз Ҳақ бирасад, чун ҳама партоб кунед.

Гар чу ман ишқ зи ҳуббулватан андӯхтаед,
Рафта дар сояи гулхори Ватан хоб кунед.

Ҷуз Ватан нест муроди ҳамаву ишқи ҳама,
Рӯ ба ҳар кӯҳи Ватан ҳамчу ба меҳроб кунед!

МУРҒИ ОРЗУ

Чу медидам, ки мурғе мекашад пар,
Дилам таҳ мезад аз андӯҳи хокӣ,
Ба дил мегуфтам: Аз чӣ Эзади ман
Маро аз қисматам кардаст шокӣ?

Қатори мурғаке болам надодаст,
Ки ман ҳам зери пар ёбам заминро.
Парамро остин созам дар он авҷ,
Бияфшонам ба мардум остинро.

Ҳавоям рафт аз сар, рӯшанам шуд,
Ки суръат бастаи шаҳболи тез аст.
Парафшонии мурғи орзуям
Фирор аз ҳайбати чанголи тез аст…

ҒАЗАЛИ ДАСТҲО

Чун раҳо бинмуд аз дасташ падар дасти маро,
Рӯзи мушкил кас намегирад дигар дасти маро.

Ёд дорад дасти ман дасти дуояшро ҳанӯз,
Бо дуо кард ошно дасти падар дасти маро.

То қиёмат даст аз дасташ намебардоштам,
Канд аз дасти падар дасти қадар дасти маро.

Ҷониби ҳаққам намеёрам кунам дастам дароз,
Бахти ман кӯтоҳ хоҳад ин қадар дасти маро.

То маро бо дасти ман аз по бияфтонад аҷал,
Дар мусибат мезанад бар фарқи сар дасти маро.

Дастафшонии ман машқи парафшонӣ бувад,
Осмон, тарсам, бипӯшонад ба пар дасти маро.

Ҳусни эъҷоз аст, ёрони сухансанҷам, агар
Хома дорад дар тағаззул мухтасар дасти маро.

Нашканад дар дафтари шеъри замон ҳусни хатам,
Зиндагӣ дар гардан овезад агар дасти маро.

БА ЧАНОРИ ПИР

Ай дарахте, ки танат чун дили ман афгор аст,
Чӣ тавон кард, агар
Деҳа наздику дар он
Дос афзуну табар бисёр аст.

Ту валекин ҳаваси шаҳр макун,
он ҷо низ
Дами тези ара рӯи кор аст.

Ростӣ,
Баъди панҷоҳ баҳору пойиз
Шаҳру деҳ аз ману ту
Ҳамчу аз ёди куҳан безор аст.

Оҳ аз он рӯз,
Ки дар пойи ту истода яке
Кунад исрор, ки аз баҳри зимистон
Ҳезумаш даркор аст...

ДАР ПОИ ХОМА
(Ба ёди Аброри Зоҳир)

Ай дӯст, ай азизи дили дардманди ман,
Хезад зи дил ба ёди ту оҳи баланди ман.

Бе ҳастии ту рӯзи дилам тира гаштааст,
Дар боғи умр боди хазон чира гаштааст.

Дидори ту баҳор буд, аз бас шукуфтагӣ,
Бепарда эътиқоду сафо бенуҳуфтагӣ.

Аз қоҳ-қоҳ боғу чаман хандазан дар ӯ,
Меҳру бародарӣ чу ду соҳибватан дар ӯ.

Рӯи кушода ёри ту бисёр карда буд,
Дасти кушод душмани ту ёр карда буд.

Имрӯз бастааст дари бӯстони ту,
Барги хазон шудаст рухи дӯстони ту.

Худро кашола карда ба кундӣ, базӯр ман,
Аз назди коргоҳи ту дорам убур ман.

Чашмам бидуни акси ту кошонаи тиҳист,
Бе ту тамоми шаҳр чу як хонаи тиҳист.

Ай сар ба хишт мондаву осуда дар мазор,
"Ё ҳай!" биёр бар лабу аз хок сар барор!

Чӯби мазори хеш, ки аз хома кардаӣ,
Моро ба хатти марг сияҳнома кардаӣ.

Аз хок сар бадар куну дар пои хома ист,
К-ин гӯри танг хонаи чун ту бузург нест.

Аз ҷони ман баланд шавад ҳар дам ин нафир:
"Ай дӯст, зинда гарду дигар ҳеҷ гаҳ намир!"

ҒАМБОДА

Шаб хоби парида монд бо модари ман,
Субҳ ашки чакида монд бо модари ман.
Бар хидмати аскарӣ чу бурданд маро,
Як нони газида монд бо модари ман.

Печида ба дуди оҳи деринаи ман,
Сӯзад чу чароғ қалби пурпинаи ман.
Ганҷе, ки бувад шукӯҳи ганҷинаи ман,
Ғамбодаи модар аст дар синаи ман.

Модар чу гузашт, сахт дилгир шудам,
Омоҷ шудам - нишонаи тир шудам.
Бо рафтани модарам наомад шодӣ,
Дар панҷаи андӯҳ сияҳпир шудам.

ҒАЗАЛ

Дарде, ки ҳаст дар дили ман, дар дилат мабод!
Ҳар ҷо, ки ранҷ хона кунад, манзилат мабод!

Чун зиндагӣ ба қайди ғам аслан на зиндагист,
То зиндаӣ, ба ғайри тараб ҳосилат мабод!

Дарёи дил агарчи маро хушк мешавад,
Беобу ранг базми лаби соҳилат мабод!

Ман саҳнаро ба вусъати дил зеб додаам,
Кӯчакдиле гули сабади маҳфилат мабод!

Дар дӯстдориам накунӣ шубҳа, кошки,
Ай кош, ғайри ман дигаре муқбилат мабод!

Чизе ба ҷуз муҳаббати ту дар дилам намонд,
Чизе ба ҷуз муҳаббати ман дар дилат мабод!

Аммо агар ки мушкили ту будани ман аст,
Пиронасар дуо бикунам: мушкилат мабод!..

ЧАКОМАИ ШОИР
(Дар шаъни устод Рустами Ваҳҳоб)

Ай шоири ҳамосасарои замони нав,
Ай ҳокии ҳикояти нав бо забони нав.

Чун шоҳбайт дар дили мардум нишастаӣ,
Дар мулки синаҳо шуда соҳибқирони нав.

Андар баёни ноби ту аз маънии баланд
Ҳар байтрост рафъати як осмони нав.

Бо донише, ки ҳаст туро, ақли раҳбарат
Мизони дигарест ба суду зиёни нав.

Нерӯи тоза ёфта фарҳанги тоҷикӣ
Бо вижагии шарҳи ту аз вожагони нав.

Ҳар вожаро забони ту бахшад саодати
Нав гаштану ифода шудан дар баёни нав.

Ашъори ту ба лаб надиҳад таъми найшакар,
Аз нойи худ бурун биҷаҳонӣ фиғони нав.

Қомат алам намуда ту чун Коваи далер
Дар сангари мубориза бо душманони нав.

То бишкарӣ тафаккури бегонапарварон,
Кардӣ зи хома тез ту теғу синони нав.

Чун наштарест ҳарфи ту бар мағзи хуфтагон,
Бедорӣ аст қасди ту аз достони нав.

Аммо чӣ метавон, ки ту танҳотарин касӣ
Дар байни садҳазор тан аз дӯстони нав.

Бар авҷи маърифат чу ту баррафта камтар аст,
Дар қуллаҳо уқоб ниҳад ошёни нав.

Ту офтобро зи ҳама пештар кунӣ
Табрик вақти баршуданаш аз макони нав.

Диди туро куҷо ҳама кас дарк мекунад
Дар асри нуркуштани хаффошакони нав.

Ту ҷони нав дамиданӣ бар тани куҳан,
Ҳар кас далер нест пазирад равони нав.

Дар ту шукӯҳи Рӯдакиву Пири Тӯсӣ аст,
"Шаҳнома"-и турост вале қаҳрамони нав.

Ин ҷо камони Ораш дупора мешавад,
Майдони нав барор диҳад бар камони нав.

"Тасбеҳи рӯзгор"- и ту дар худ нуҳуфта аст
Сад "Бӯстон"-и тозаву сад "Гулситон"-и нав.

Устод! Ҳаргиз аз ту талаб қасди банда нест,
Бал хоҳишест куҳна дар ин остони нав:

Ҳофиз ба ишқ нуқта намондаст, зуд-зуд
Ин қисса тоза мешавад аз ровиёни нав.

Кӯтоҳ мекунам сухани хешро, зибас
Дар ишқ дорам аз қалами ту гумони нав.

Имрӯз шубҳа нест касеро дар он ки ту
Дар корвони шеъри навӣ сорбони нав.

Ҷаҳди сиёсии ту адабпарварона аст,
Маҳфил дуруст кардаӣ аз шоирони нав.

Фахр аст дар рикоби ту рафтан барои мо,
Ай Рустами расида пайи достони нав!

ЧАРОҒИ ШИКАСТА

Ба пои гул нишастат буд, модар,
Сиришти гулпарастат буд, модар.

Ба бар пироҳанат сад нақши гул дошт,
Чаман дар қадду бастат буд, модар.

Шабеҳи чашма аз ойинатабъӣ
Дилат дар рӯйи дастат буд, модар.

Чароғи нозуки қалби ту бишкаст,
Зи санги ғам шикастат буд, модар.

Чу кӯҳе ногаҳон аз по фитодӣ,
Аҷаб тақдири пастат буд, модар.

Ту акнун нестиву Давлатат нест,
Ки ҳасти ӯ зи ҳастат буд, модар!..

ХАБАРЕ НЕСТ

Дилкуш бувад ин аср, ки дил бо нафаре нест,
Аз дил асаре нест, Худоро, асаре нест.

Бе дил натапад набзи касе дар пайи ишқе,
Яъне батар аз бедилӣ аслан хатаре нест.

Ҳар бор бипурсам зи худ аз рӯйи киноят:
Ҷонам кӣ харошид, чу бо ман дигаре нест?

Ҳарчанд надорам пару боле, нахурам ғам,
Дар зери қафас ҳоҷати болеву паре нест.

Бе ростӣ осон нашавад мушкили меҳан,
Ай вой бар он хитта, ки соҳибназаре нест.

Ношукр набошем, ба ҷуз санг наборад
Бар тораки ҳар қавм, ки дасти падаре нест.

Идбори ман аз чирагии шеър ба рӯҳ аст,
К- аз шоирӣ иқболи баде чӣ, батаре нест.

Ай дӯст, хабаргирии моро написандӣ,
Рӯзе хабар оранд, ки аз мо хабаре нест.

ҲАРФИ РЎЗ

Бо қади хамхӯрда кампири Зулайхо - моҳи рӯз,
Интизори Юсуфи хуршед бошад то ҳанӯз.

Султаи шаб бо яди байзои Мӯсо душман аст,
Нест дигар остинеро чароғи худфурӯз.

Кӯҳро дар гурдаи тоҷик ғурбат мондааст,
Ку далеле бартар аз ин: почаи каж, пушти кӯз.

Дар дили ойинаам ҳафт осмон гунҷидааст,
Бо ҳама вусъат надорад хотирам як шуъла сӯз.

Ай тазарви бахти Давлат, дар фазои шаб мапар!
Мекунад таъқиб наҷмат бо нигоҳи чашми юз.

Сӯхтан қисмат бувад онро, ки бо ман чор фасл
Як дили табкарда дорад чун дар айёми тамуз.

Шоиро, ҷуз ишқ ҳар ҳарфе, ки гӯйӣ, куҳна аст,
Ишқ бошад, ишқ бошад, ишқ бошад ҳарфи рӯз!!!

ПОСУХ БА ҲАКИМ ФИРДАВСӢ

Аё пири Тусӣ, сухан суфтаӣ,
Ту ногуфтаниҳо басе гуфтаӣ.

Баҳона ба нобихрадон додаӣ,
Ба чанги сагону дадон додаӣ.

Сагоне, ки дандон ба дум мезананд,
Ҳама пушту паҳлуи худ мекананд.

Даҳонро ба хуни худ олудагон,
Зи паҳлуи худ хӯрда, осудагон.

Чу дар мулки инкор роят задӣ,
Ба нопокмағзон ривоят задӣ:

"Зи эрониву турку аз тозиён,
Нажоде падид ояд андар миён,

На деҳқон , на турку на тозӣ бувад,
Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад..."

Ҳама душманони билоди худанд,
Зи бас мункирони нажоди худанд.

Забоне, ки модар ба эшон бидод,
Ба дод омад аз дасти эшон, ба дод!

Ҳама рӯи инкори модар хушанд,
Чу манқурт шоду чу барбар хушанд.

Чу каждум бароянд осон бурун,
Ки бунёди модар хуранд аз дарун.

Агар сахт гуфтам, аё пири Тӯс ,
На ту Рустамиву на ман Ашкбӯс,

На ту ҷангҷуӣ, на ман ҷангхоҳ,
Фақат ростиро бигирам гувоҳ,

Ки, охир, нашояд ба ҳар сагдаҳон
Задан дам ба нағзӣ зи сирри ниҳон.

Агар авлиёӣ, нагуфтан беҳ аст,
Хазафро чу дурре насуфтан беҳ аст.

Гумонро набояд ба назм оварӣ,
Мабодо, ки дар ҳашр кайфар барӣ.

Бар ин таккаҳои сару рӯймез,
Хуш ояд баҳона ба қасди ситез.

Чу ғафлат сари шохи эшон шавад,
Замин гард гардад, парешон шавад.

На киште бимонад ба ҷо, не дарахт,
Аз ин сахтшохони баргаштабахт.

Чу дарҳамкани тору пуди худанд,
Ҳама хасми ҷони вуҷуди худанд.

Бад-ин худфурӯшон ҳамин бас бувад,
Ки гӯянда амсоли ту кас бувад.

Аё пири Тусӣ, Худо ёри ту,
Ғалатҳост гоҳе ба гуфтори ту.

Ба зону науфтам чу як узрхоҳ,
Ба Ҳақ оварам аз кажиҳо паноҳ.

БО ЯТИМОН ХУШДИЛАМ

Аз дили ман хоҳиши фарёд берун мезанад,
Оҳ аз он рӯзе, ки дил аз дод берун мезанад.

Гар гулӯи хастаро зиндони буғзам кардаам,
Шармам аз ашкест, к-он ношод берун мезанад.

Бо ятимон хушдилам, то ки нагӯяд душманам,
К-аз биҳиште инчунин Шаддод берун мезанад.

Суннати рӯз аст, имрӯз аз даҳони хосу ом
Ҳарф метобад, валекин бод берун мезанад.

Тарсам, аз раҳме, ки Рустамро ба ноз овардааст,
Худфурӯше ҳамчунон Шағғод берун мезанад.

Гарчи ширин аст оби чашма, пеши чашми ман
Кӯҳ мегиряд, дили Фарҳод берун мезанад.

Дафтари нав куҳна мегардад зи сатри аввалин,
К-аз забони хомаи ман ёд берун мезанад.

Бо хати каҷмокаҷи худ шоири суратгарам,
Шеъри ман чун санъати Беҳзод берун мезанад.

БАҲОИ ОЗОДӢ

Чун нагардад дастбози одамон,
Ҳаст гурге беҳ зи сад шери дамон.

Гар ба майдонаш ба бозӣ ованд,
Ҷумлаи бозигарон кайфар баранд.

Кай чу бабре бар замин дум мезанад,
Зузаи хашмаш бар анҷум мезанад.

Сӯи мардум гиз дандон мекунад,
Баъд бозӣ дар сари ҷон мекунад.

Мекунад қатъи равон, қатъи нафас,
Бар шикам н-афтода пеши пои кас.

Қатъи пояш мекунад дар чахтапай,
Доғи хунашро наемонад зи пай,

Пои пурхун лес-лесон меравад,
Чор сӯро чашмпесон меравад.

Меравад, дар лонааш сар мениҳад,
Дар баҳои растанаш ҷон медиҳад.

Мурдан андар марзи худ мардонагист,
Баъди рафтан низ соҳибхонагист.

Гург бо озодии худ зинда аст,
Баҳри мардон ибрати поянда аст.

АЗ ҶОЙИ ВОҚЕА

Пушти девори кохи аҳли сухан
Бар сари дасти ҳайкали Саъдӣ
Дафтари шеъру бар сари дафтар
Ҷуфти кафтар ба бӯса машғул аст.

Хуш ба ҳоли касе, чу Шайхи Аҷал
Ғазалаш бо узубати азалӣ
Назди парранда низ мақбул аст…

ДАР СӮГИ УСТОД САЙДАЛӢ САИД

Аз дидани ту сафед мехест дилам,
Чун тифл ба субҳи ид мехест дилам.

Идонаи ман каломи ширини ту буд,
Ширинсуханӣ тарзи ту, оини ту буд.

Пеши даҳанат гарм буд аз лутфи Худо,
Дар гунаат озарм буд аз лутфи Худо.

Аз лафзи тари ту об мехӯрд дилам,
Аз хандаат офтоб мехӯрд дилам.

Аз чини ҷабини ту ҷамоли хуршед
Метофту мешуд рухи иқбол сафед.

Аз шаҳр ба шаҳр дар равуо будӣ,
Аммо ҳама умр марди танҳо будӣ.

Ғам кушт турову кас хабардор нашуд,
Хобидаи гӯши фил бедор нашуд.

Ҷонат, ки ба танг омад, аз тан бигузашт,
Афшонда ба дарду ранҷ доман, бигузашт.

Ҳарчанд ҳама ситора хонданд туро,
Хомӯш шудӣ, ба хок монданд туро.

Аз сӯзи дил аст, он чӣ мегӯям ман,
Дар хуни ду дида рӯй мешӯям ман.

Ин ашк, ки дона мекунам, аз ғами туст
В-ин хун шудану чакидан аз мотами туст.

Ай муршиду ай пир, Худо ёрат бод,
Ай соҳиби "Тафсир", Худо ёрат бод!

Ай Ҳақ ба ту наздик, паноҳат ба Худо,
Дар хонаи торик паноҳат ба Худо!..

ЧАКОМАИ ДАРД

Гар фоҷиа берун наравад аз дари афғон,
Мотамзадатар нест кас аз модари афғон.

То гӯшаи даргири ҷаҳон аст, набошад
Ҷуз хонаи оташзада буму бари афғон.

Таърих гувоҳ аст, ки ӯ дӯст надорад,
Боре набуду нест касе ёвари афғон.

Онон ки сарафрозии ӯро написанданд,
Печанд дусад фитна ба даври сари афғон.

Ҳар бебасаре, ки назанад нухта ба нафсаш,
Ҳаргиз наканад чашм зи бому дари афғон.

Дасти худ абарқудрат агар рӯи харита
Монад, накунад пахш, магар кишвари афғон.

Чил соли дароз аст, ки аз ҷанг раҳо нест,
Чилсола шуд имсол дигар маҳшари афғон.

Сад соли дигар душман агар ҷанг биёрад,
Таслим нагардад дили ҷанговари афғон.

Ай хасм, макун орзуи фатҳ, муҳол аст,
Аз рӯҳи бузург аст бино сангари афғон.

Чун чашми ҷароҳат, ки кушоянд ба нохун,
Ду чашмаи хун аст ду чашми сари афғон.

Аз чор тараф ҷониби ӯ мили камон аст,
Хунинасар омад ҳама ҷо маъбари афғон.

Маҷрӯҳ шуда ҷисми вай аз тири аҷониб,
Фаввора занад хуни дил аз пайкари афғон.

Ангушт ба ангушт шавад хушк, Худоро,
Ҳар панҷа, ки ғарқ аст ба хуни тари афғон!

Шабкӯраи манҳус кунад тира рухи рӯз,
Хуршед нахезад агар аз Ховари афғон.

Гар дидаи таҳқиқ кунӣ боз, бубинӣ
Як пораи рӯзи сияҳ аз чодари афғон.

Бе бурдаи нон аст кафи тифли ятимаш,
Бар боди ҳаводис шуда симу зари афғон.

Бар гӯши ҷаҳон мерасад овози баландаш,
Аз кӯҳи баланд аст зи бас минбари афғон.

То мижжа наёрад ба ҳаму чашм набандад,
Шабҳо камари кӯҳ бувад бистари афғон.

Бар довари дигар набарад арзи ниёзаш,
Аз ғайри Худо нест касе довари афғон.

Паррандаи кӯчист, ба ҳар сӯ бизанад пар,
Аз хонабадӯшист кушода пари афғон.

Сарсонии афғон накашад дур, умед аст
Рӯшан шавад аз сояи Ҳақ манзари афғон.

Чун Аҳмади Масъуд зи озоданажодӣ
Тоҷиктабор аст сафи лашкари афғон.

Афсонаи бегонагӣ эҷоди шарон аст,
Ҳамхуни ману туст чу шери нари афғон.

То пойи ситам канда шавад дигар аз ин хок,
Мо дастбадастем — ману додари афғон.

Аз Шӯравӣ ин дарс ба мерос бимондаст,—
Ку хоҷа, ки охир нашавад чокари афғон?

Садсолаи озодии ӯ бод муборак,
Озодии афғон бувад аз бовари афғон.

Ҳарчанд қасидаст, вале мадҳ надорад,
Ин номаи дард аст ба номовари афғон...

ОРЗУИ БОҚӢ

Сахт мехоҳам, ки ёронам ба ҳам бошанд,
Даври ҳам оянду бе доғу алам бошанд.

Нагзаранд аз пеши ҳам монанди бегона,
Гарчи яксар муҳтарам ё муҳташам бошанд.

Сахт мехоҳам мазоҳи ҳам фурӯ монанд,
Беғараз бошанд, бе зулму ситам бошанд.

Бар сари гӯри азизони зи сар рафта
Фотиҳа хонанду як лаҳза алам бошанд.

Сахт мехоҳам набошанд аз ғамам фориғ,
Ҳамдилу ҳамдостону ҳамқадам бошанд.

Чун бихандам, ҷумла бо ман аз ҷигар ханданд,
Чун бигирям, аз таҳи дил дида нам бошанд.

Сахт мехоҳам, ки ҳамчун боғи болида,
На чу нахлони табархӯрда дижам бошанд.

Сахт мехоҳам, вале бо ҳам намеоянд,
Пас, бимон, бе ҳам, вале бе дарду ғам бошанд.

То қиёмат дар дилам ин орзу боқист,
Кош, ёрони парешонам ба ҳам бошанд.

ТОҶИКОНА

Имсол, ай баҳор, биё, рӯ ба ман бикун,
Дар ҷони ман барои ҳамеша ватан бикун.

Дар лаҳзаи таваллуди ман доя будаӣ,
Бӯи табор медиҳӣ, оҳанги ман бикун.

То бишканӣ сипоҳи даю лашкари хазон,
Рӯ беибо ба тоҷики лашкаршикан бикун.

Минбар бизан зи кӯҳи Бадахшон, тамоми сол
Аз минбари баланд гулафшон сухан бикун.

Чун матни лолазор бигирӣ ба рӯи даст,
Ибрози изтироби дилам як даҳан бикун.

Сарсабз карда соқаи дастам чу нахли боғ,
Аз панҷаам шукуфа бирӯён, чаман бикун.

То хуни гарми ман бизанад рӯ чу арғувон,
Дар гарданам зи ошиқи печон расан бикун.

Наврӯзро ба отифа Наврӯзтар бисоз,
Ҳар рӯз тозатар раҳу расми куҳан бикун.

Имсол, ай баҳор, биё, тоҷикона бош,
Нақши чакан бирез, ҷаҳон пурчакан бикун!

ҒАЗАЛ

Пиндоштам, ки зуд фаромӯш мешавӣ,
Аз ёд меравӣ, чу аз оғӯш мешавӣ.

Ҳарчанд ки дар ойинаи ҷон нишастаӣ,
Зери ғубори фосила рӯпӯш мешавӣ.

Пиндоштам, ки дар таби хокистари дилам
Сар мекашӣ чу шуълаву хомӯш мешавӣ.

Пиндоштам, ки мекушиям дар ҳарими дил,
Дар мотамам нишаста сияҳпӯш мешавӣ.

Бовар надоштам, ки дигарбора мерасӣ,
Яъне дубора хунидиламнӯш мешавӣ.

Вулқон даруни синаам омода мекунӣ,
Пас интизор бар задани ҷӯш мешавӣ.

Бовар надоштам, ки бадам ном мебарӣ,
Аммо ба ҳарфи худ ҳама тан гӯш мешавӣ.

Бовар надоштам, ки ту аз ишқи тозаам,
Ҳатто тасаввуре кунӣ, аз ҳуш мешавӣ.

Ту домани дилам нафасе сар намедиҳӣ,
Ман мунтазир, ки зуд фаромӯш мешавӣ.

ХОРО

Бувад кӯҳи баландам пуштигирам,
Зи авҷаш гар фуруд оям, бимирам.
Бароям санги хорояш Бухорост,
Ки хоро аз Бухоро кам нагирам.

Ба ҷон кӯҳи Ватанро дӯст дорам,
Ба пуштам хорасангашро фарорам,
Фарорам, дасти устое супорам,
Тарошад то аз он санги мазорам.

Агар лавҳи мазорам хорасанг аст,
Нишони рӯшане аз ному нанг аст.
Агар, ай кӯҳ, бе санги ту мирам,
Дилам дар гӯр ҳам баҳри ту танг аст!

ДИЛИ СУРХ

Чамани шукуфа зард аст, дилам ҳанӯз сурх аст,
Чу шукуфазори дард аст дилам, ҳанӯз сурх аст.

Сафи лолаҳои бесӯз сапеду зарду нилист,
Зи ҷавола ранг бурдаст дилам, ҳанӯз сурх аст.

Тани ман чу мушти хоке, ки бирехт бар сари гул,
Ба рухаш нишаста гард аст, дилам ҳанӯз сурх аст,

Чу чанор дар бигирам ман аз оташи замирам,
Баданам кабуду сард аст, дилам ҳанӯз сурх аст.

Ба камоли сурхрӯйӣ ғаму дард мекашонад,
Раҳи худ дигар накардаст дилам, ҳанӯз сурх аст.

Ба як осмон навардан рухи офтоб зард аст,
Дусад осмон навардаст дилам, ҳанӯз сурх аст.

Ба забони сурх он кас, ки шиори сурх медод,
Дили худ ба ман супурдаст, дилам ҳанӯз сурх аст.

Дили сурхи ман ливои сари дасти ковиён буд,
Чу ҳанӯз ҳам набард аст, дилам ҳанӯз сурх аст.

БАЪДИ БОЗОР ҚАЛАМРО ШИКАНЕД!

Баъди Бозор қаламфарсоӣ
Шуғли беҳуда шавад,
Шеъри бо ном нави хурду бузург
Зуд фарсуда шавад,
Баъди Бозор қаламро шиканед!

Воқеа баъди сари бар сари хишти Бозор
Бишавад саргардон,
Бо ҳақиқат накунад ҳеҷ суханвар паймон,
Баъди Бозор ҳақиқат таку танҳо монад.
Дафтари фалсафаи боварро
Рӯйи роҳе
Дасти ношустаи бод,
Панҷаи ғажди шамол,
Хоколуда чиликҳои насим
Пушту рӯ карда, чапу рост варақ гардонад.
Баъди Бозор қаламро шиканед!

Баъди Бозор дигар сурхии рӯйи қаламе
Нест аз рӯйи ғазаб,
Ҳаст аз рӯйи риё,
Ҳаст аз рӯйи шарм.
Баъди Бозор қаламҳо ғарқанд
Ҳама дар ранги дурӯғ,
Ростӣ аз қалами табкарда
Дар сари панҷаи шоир бишавад буғ.
Баъди Бозор қаламро шиканед!

Баъди Бозор ҳама ҳарфу ҳиҷо
Бехигӯшӣ бошад,
Шеър иншои хамӯшӣ бошад.
Баъди Бозор шаванд
Ҳама ношоир,
Ҳама Бозорпараст,
Ҳама Бозорсухан,
Лек нобозор,
Лек нособир.
Баъди Бозор дигар
Базми шоистаи шеър
Нашавад доир.
Баъди Бозор қаламро шиканед!

Баъди Бозор нагардад ҳаргиз
Халтаи чакка ба шохе маҳтоб,
Ҳаргиз аз халтаи ҷурғот
Ҳамчу аз халтаи сина,
Балки аз халтаи дил
Начакад зардоб.
Баъди Бозор қаламро шиканед!

Баъди Бозор ҳама бар сари тобути сухан гирд оед,
Аз ҷигар нола кашед,
Мушт бар синаву бар сар бизанед,
Хати бутлон ба сари сафҳаву дафтар бизанед,
Баъди Бозор варақ пора кунед,
Баъди Бозор қаламро шиканед!

ЗИНҲОР

Ман нестам касе, ки ту тақдир кардаӣ,
Минбаъд ҳам макун, ки дигар дер кардаӣ.

Аз печутоб хӯрдани дил ҳадс мезанам,
Дар пойи шери панҷара занҷир кардаӣ.

Мискин дилам зи пой задасту ҳанӯз ҳам
Бовар намекунад, ки ту тазвир кардаӣ.

Умре даруни ҳодисаам ҷой додаӣ,
Аммо буруни фоҷиа тасвир кардаӣ.

Дигар ба дарди ту нахӯрад ҷисми хастаам,
Онро, ки буд луъбатакат, пир кардаӣ.

Ман гир кардаам ба ғамат, ишқ! ишқ!! ишқ!!!
Ту низ дар мусибати ман гир кардаӣ.

Фурсат муносиб аст, раҳоям бикун, бирав,
Хуш бош, ки зи ҷони хушам сер кардаӣ!

ТӮША

Ҳаёти ман иборат аз сафар буд
Миёни кӯҳу шаҳристон.
Кашидам ранҷи хористону регистони
водиҳои сӯзонро,
Дареғи ранҷи беҳуда,
Ки ман бо зоди раҳ овардаам бар шаҳр
андӯҳи куҳистонро...

УМЕД

Ҳарчанд ки қомати ҷавониро
Аз бори гарони ғусса бишкастам,
Ай марг, ба ту ҳисоби ман соф аст,
То ҳаст ғанимати нафас, ҳастам.

Ғам нест, агар чу фасли дай пирӣ
Бо барф сари маро ватан созад,
Ҳаргиз набувад далели фавти ӯ,
Гар сарв зи барфи нав кафан созад.

Шахсам чу умеди зиндагӣ дорад,
Аз дасти ту куштанаш намеояд.
Бо ними умеду нимаи ҷонаш
Панҷоҳ гузашту боз мепояд.

Эй марг, зи ҳарфи ман машав ранҷа,
В-он панҷаи сахтро фурӯ бигзор.
Имсол, агар Худо амон бахшад,
Ман боз баҳор мекунам чун пор...

ДОРИ БАЛАНД

Ман шокиям зи дасти дили дардманди хеш,
Мондан гарон шудаст бари нописанди хеш.

То аз фишори дил бираҳам, мебарам бурун
Онро фишор дода ман аз банд-банди хеш.

Аз дори пасти хасми заиф аст нанги ман,
Сар мезанам ба ҳалқаи дори баланди хеш.

Побанди ҳеҷ кас нашудам, лек бандаам,
Озодагист орзуи пойбанди хеш.

По дар каманди хешам аз он рӯ, ки бастаам
Фитроки қоши зини фалак аз каманди хеш.

Бе бими ростӣ, ки қиёмат намуданист,
Дорам тамоми умр яке кор — фанди хеш.

Ай вақт, гарчи гӯш ба пандам намедиҳӣ,
Ман шоирам, гузир надорам зи панди хеш.

Ай бахти шӯр, баски ту ширин намешавӣ,
Тар мекунам ба ашки алам қурси қанди хеш.

То бар забони ома равад баъди рафтанам,
Мегӯям оҳу войи сари арҷманди хеш!

ҶАНГАЛИ ЗАХМИН

(Ба хотираи Бобои Абдусамад)

Баъди чил соли рафтан аз дунё
Ту ба хобам даромадӣ, бобо.

Гуфтӣ: "Аз ҷангалам хабар дорӣ?
Ё ту ҳам бедарак табар дорӣ?.."

Ҷастам аз хобу мурғбонги саҳар
Кардам аз шаҳр сӯи дашт сафар.

Чун расидам ба деҳа он бегоҳ,
Ҷониби ҷангалат гирифтам роҳ.

Ҷангалат сарбасар хароб шудаст,
Ҷӯйбораш тиҳӣ аз об шудаст.

Даври он бе ақоқӣ аст акнун,
Чени як пушти токӣ аст акнун.

Аз сафедорҳои сарбафалак
Нест дар ҷангали ту ҳеҷ дарак.

Дӯш бар пешвози ман як-як
Мезаданд аз самими дил чак-чак.

Менамуданд мурғакони баҳор
Ҳар саҳар бо таронаам бедор.

Гарчи дасти ту сахт меларзид,
Душмани ҷангал аз ту метарсид.

Дасти шахшӯли ғӯлакандозат,
Санги паррони каркуновозат,

Ларза дар ҷони дузд меандохт,
Ҳезум афканда, ҷонсарак метохт.

Бас табар хӯрда бар тани маъсум,
Ҳамчу фарзанди аз падар маҳрум,

Пуштбоне наёфт ҷангали ту
Баъди ту бе камону дангали ту.

БОРОН

Чун бирафтам саҳар зи хона бадар,
Чатру борониву кулоҳамро
Дар баҳои табассуми хуршед
Бетааммул ба кунҷе афканда,
Зери борони тирамоҳи ватан
Шитта шуд тору пуди куртаи ман,
Гашт попӯшам обоганда.

Кард вақте бар устухон кора
Сардии деркардаи пойиз,
Ман давидам ду даст бурда ба сар
Аз миёни чанорҳои тар
Ҳамчу як шаҳр гӯлхӯрдаи пойиз.

Духтаре медавид дар бари ман.
Гар намедид бо чароғи барқ
Ларзаи бозувони духтарро,
Балки дар рӯйи роҳ аз таррӣ
Тафзаданҳои як кабӯтарро,
Ҳасрати осмон намеовард
Бо сари сад ҳазор сӯзани мижгон
Гиряи хомуши санавбарро...

Баргҳо ҳамчу фавҷи қойиқҳо
Мегузаштанд аз сари ҷода,
Ногаҳон нопадид мегаштанд
Ҳама дар коми сел афтода.

Гарчи бо панҷаи хунукхӯрда
Баъди бурдан панаҳ ба як долон
Метакидам зи чор сӯ домон,
Мечакидам ҳанӯз пероман,
Абри боранда буд куртаи ман...

НУҚТАИ ОХИР

Он чӣ гуфтам ба шеърам аз ин пеш,
Зод дар ман ҳазору як ташвиш.
Менигорам ба нӯги хомаи хеш
Баъд аз ин дар ҷабини номаи хеш:
Баски пушту паноҳи ман ишқ аст,
Охирин истгоҳи ман ишқ аст.

Пеш аз ин ҳарфи ман зи мардум буд,
Чун ниёзам ба нони гандум буд,
Кай аз ин пас ғами шикам дорам,
Рақам ин аст, чун қалам дорам:
Мулки амн аз нигоҳи ман ишқ аст,
Охирин истгоҳи ман ишқ аст.

То кунам шаҳри ишқро таслим,
Рӯ биёрам ба ҷонибаш бе бим,
Пой бар сарҳадаш чу бигзорам,
Бонги беҳад баланд бардорам:
Тоҷу тахту кулоҳи ман ишқ аст!
Охирин истгоҳи ман ишқ аст!

Аз ғами ишқ беғамӣ ёбам,
Хӯрда андӯҳ, хуррамӣ ёбам.
Дил бигӯяд ба хонаи оташ
Бо забони забонаи оташ:
Гарчи рӯзи сиёҳи ман ишқ аст,
Охирин истгоҳи ман ишқ аст.

Шеъри ман хосаи дилороист,
Чунки махсуси ишқу зебоист.
Зиштро нест раҳ ба дафтари ман,
Менависам: Худой довари ман,
То ба анҷом роҳи ман ишқ аст,
Охирин истгоҳи ман ишқ аст!..

ДАСТИ ОМИН

Дар дили шаб зикри "Ёсин" мекунам,
Субҳаро аз иқди Парвин мекунам.

Зиндагонӣ рафт бо талхӣ ба сар,
Он чи боқӣ монд, ширин мекунам.

Дар сари як вожа мегирам қарор,
Ишқро таҳсину талқин мекунам.

Ман зи озодиву аз озодагӣ
Кешу ойин, мазҳабу дин мекунам.

То хумори кӯҳ дорам дар дилам,
Хонаро дар дашт сангин мекунам.

То муҳитам гул кунад андар хазон,
Шеъри худро дасти омин мекунам.

Аз китоби дил ба номат, ай Ватан,
Байтҳои ноб гулчин мекунам!

ДИЛИ ҒАРИБ

Пинак намеравам шаб аз андешаи хатар,
Шомам дар интизори бало мешавад саҳар.

Ишқе, ки дӯш қалби маро гарм мегирифт,
Кора намекунад ба дили сарди ман дигар.

Ҳаргиз намехӯрад ғами ҷони муҳитро
Вақте ки мефитад ба ғами ҷони худ башар.

Ҳар лаҳза мешавад дил аз уммед кандатар,
Фардо, мабод кош, аз имрӯз гандатар!

Аз гиряҳои дидаи хунбор ҳуҷҷат аст
Абре, ки дорад аз дили сурхи уфуқ гузар.

Ҳоли дили ғариби маро дарк мекунад
Танҳо касе, ки рӯзи қиёмат барад ба сар.

ГУЛИ ҒАМ

Мабодо, гиря бо шеван биёред,
Ҳавои тираи баҳман биёред.

Ғам, охир, сарнавишти шоирон аст,
Ғами худро барои ман биёред.

Тан аз як шуъла ғам оташ нагирад,
Барои ҳезумам гулхан биёред.

Наёяд аз шумо гулдаста бастан,
Гули ғам чида, дар доман биёред.

Ба доман мушкилам осон нагардад,
Аз ин гул беҳтараш хирман биёред.

Ба чашми ман натобад ҷуз гули ғам,
Агар наргис в-агар савсан биёред.

Чу ман бо лолаҳо ҳамдостонам,
Зи фавҷи сӯхта гулшан биёред.

Ғамонро ҷуз дилам меҳан набошад,
Ғарибонро бар ин меҳан биёред!

ҲАСРАТ

Гарчи аҳди дӯстӣ то мӯсапедӣ доштанд,
Дӯстони рафта дар ними раҳам бигзоштанд.

Даст мебардоштанд, ай кош, ёрон аз сафар,
Зинда мебуданду аз ман дил намебардоштанд.

Кош, мебурданд раҳ то қуллаи мақсудашон,
Қад чу парчам бар сари он қулла меафроштанд.

Кош, медиданд чун ман гарму сарди рӯзгор,
Зиндагиро содаву осон намеангоштанд.

Кош, мекарданд раҳме бар вуҷуди ин ғариб,
Ғуссаро дар синаи як тан намеанбоштанд.

Содадил буданд ишон, аз камоли содагӣ
Марги худро нуқтаи анҷом мепиндоштанд.

Ман намедонам куҷо рафтанд ёрони раҳам,
Ин қадар донам, ки дар дил дони ҳасрат коштанд.

ТАЛҚИН

Кӯзаҳо пур зи санги ҳамворанд.
Сангҳоро бикушоед, набандед!
Чун ҷигаргӯшаи дарё,
Чун ҷигаргӯшаи кӯҳанд,
Ба сарҳад бубаред!

Сангҳои ҳамвор
Дар масофи фардо
Шаъни парвози дуртар доранд!...

ҒАЗАЛИ ДИЛ

Дило, рафиқи раҳи сахти рӯзгори манӣ,
Туйӣ, ки то нафаси охирин канори манӣ.

Шабам ба такяи бедории ту рӯз шавад,
Ту посбони манӣ, хобпосдори манӣ.

Ба бурҷи синаи ту ишқро иқомат буд,
Аз он чи нест дигар, кохи ёдгори манӣ.

Ҳамеша ҳисси маро шакл медиҳиву забон,
Ту соҳиби хати ман, ҳарфи мондагори манӣ.

Бувад зи хондани ту обрӯйи шоириям,
Ту дафтари ғазалу шеъри обдори манӣ.

Зи дида дӯш чакидӣ ба хоки модари ман,
Ба ҳадди вусъати як гӯр лолазори манӣ.

Дило, ба зиндагиву марги мо ҷудойӣ нест,
Кунун канори манӣ, баъд дар мазори манӣ.

ФАРЁДИ ҶОВИДОН

Фарёди ҷонхароши ману гӯши осмон,
Он гуна, к-аз сараш бипарад ҳӯши осмон.

Фарёде ончунон ки нагардад ба ҳеҷ ваҷҳ
Баъди ҳазор сол фаромӯши осмон.

Андар лаби уфуқ чӣ бувад, гар на хуни мо
Дар ҷоми офтоб шавад нӯши осмон?

Бар рӯзи осмон чӣ расад, гар чунин чакад
Хуни ситора дар шаби хомӯши осмон.

Бахтам ситораест, ки бо даргирифтанаш
Як сӯхта зиёд кунад ҷӯши осмон.

Шому саҳар гувоҳ, пас аз гулхани шафақ
Хокистар аст ҳосили оғӯши осмон.

Ҳарчанд ранги Каъба бигирад шаби дароз,
Бовар намекунам ба сияҳпӯши осмон.

БУТЛОН

Чу рӯҳи тоза дар обу гиле нест,
Кафи хуне, ки лар бандад, диле нест.

Батолат беш аз ин маъно надорад,
Дигар дар ҳеҷ ҷо ноботиле нест.

Дари Каъба агар бастанд, гуфтанд:
Туро кас мунтазир дар манзиле нест.

Куҷо дар соҳиле ёбӣ рафоҳе,
Ғам он дарёст, к-онро соҳиле нест.

Сухан буғзи гулӯи шоирон аст,
Кафад то буғзи ишон, маҳфиле нест.

Агар хандӣ, набандад рахт андӯҳ,
В-агар гирйӣ, зи гиря ҳосиле нест.

Касе имрӯз дар ёди касе нест,
Диле имрӯз дар фикри диле нест…

ҒАЗАЛИ ОЗОДАГӢ

Озодаам, вале на сарозоди дигарон,
Берун намеравад зи сарам ёди дигарон.

Касро ғамам набошаду ман дар ғами касам,
Гӯшам пур аз садост зи фарёди дигарон.

Меросам аз падар чу ду дасти кушода аст,
Беихтиёр мекунам имдоди дигарон.

Девори дил ҳазор тарак хӯрд аз қазо,
Вайрона гашт хонаи ободи дигарон.

Аввал зи хеш дод ситонам, ки кардаам
Бедоди худ заминаи бедоди дигарон.

Худ қиссаи дилам ба қалам медиҳам дигар,
То нашканад ба вақти қаламдоди дигарон.

Мурдан гарон, валек намурдан гаронтар аст
Дур аз нигоҳи гарму дили шоди дигарон.

УМЕДИ ЗИНДА

Ай ишқи деромада, чашмам ба роҳ буд,
Дар ихтиёр он чи набудам, нигоҳ буд.

Шуд сарфи орзуи ту фасли ҷавониям,
В - он орзу сиришта аз андӯҳу оҳ буд.

Хуршед ошнои ману рӯзи ман набуд,
Рӯзе, ки доштам, на кам аз шаб сиёҳ буд.

Дар саргузашти ман ба ҷуз аз ғам намуна нест,
Яъне ки сарнавиштам аз аввал табоҳ буд.

Чун мурғи сарбурида ба хун метапид дил,
Ин куштаи ҳавову ҳавас бепаноҳ буд.

Ман зиндагиш ном гирифтам, вале дареғ,
Он зиндагӣ набуд, саросар гуноҳ буд.

Омода буд ҳастиям аз лаҳзаи нахуст,
Гуфтам, ки зуд мерасӣ, аммо пагоҳ буд.

Хуршедсон дамиданат аз худ нишона дошт,-
Дишаб дар осмони дилам акси моҳ буд.

Ай ишқ, дер омадӣ, аммо ба бахти ман
Бар васли ту умеди намурда гувоҳ буд.

БЕХАБАР

Дили ман хабар надорад, ки манаш назар надорам,
Наканам зи сина ӯро, чу дили дигар надорам.

Ҳама умр заҳматам дод пайи муҳаббати хеш,
Хушам, инчунин дилеро ба барам агар надорам.

Наравам дигар зи пушташ, надиҳам ба хоҳишаш тан,
Ба замонати кӣ хезам, ки дигар ҷигар надорам.

На ман он ҷавони дӯшам, ки ба кори ишқ оям,
Сари сап-сафед аз хок дубора барнадорам.

Аташам фурӯ нишастаст, табам дигар насӯзад,
Сари лӯвиям*, ки дар худ асар аз шарар надорам.

Пайи орзӯи дил буд паре, ки мекашидам,
Чӣ кунам ман орзӯяш, ки маҷоли пар надорам.

Дили ман ғариб фардест, ба Хизри вақт монад,
Ки гараш зи марг пурсӣ, шунавӣ: хабар надорам.

*Лӯвӣ - чӯби аловкоб.

АЛАНГА

Оташ забона зад зи дили даргирифтаам,
Шуд шуъла ҷомаи тани маҳшаргирифтаам.

Хунобаро зи дидаи ман ғам равона кард,
Нохунзанон ба захми дили саргирифтаам.

Ай осмон, шабони сапедат сияҳ мабод,
Гарчи ситорасӯхта, ахтаргирифтаам.

Аз дигарон чӣ ҷои гила, гар зи бахти бад
Душман ҳамешавад каси дар бар гирифтаам.

Аз хотироти кӯдакии худ раҳо наям,
Зеро ятими манзилимодаргирифтаам.

Азбас ба доварии касон эътимод нест,
Ишқ аст он азиз, ки довар гирифтаам.

Бо зиндабод зиндагиам хатм мешавад
Дар хонаи шиори ба бовар гирифтаам.

Рӯзе алангаи дили ман паст мекунад
Як бел хоки пуштаи бар сар гирифтаам.

ШОКӢ

Ман назди ишқ як каси аз ҳеҷ камтарам,
Онон ки ошиқанд, надоранд боварам.

Гӯянд: "ишқ!", "ишқ!" магӯ, лаб фурӯ бубанд!
Ҳаргиз зи исми он ки маро сӯхт, нагзарам!

Ин ишқ оташест, ки зери ҳарорataш
Сар меравад зи деги сарам шири модарам.

Фарёди дард хоси ҳама нест рӯзи ғам,
Мардум гулӯи хаставу ман сина медарам.

Вулқони шеъри сина қалам сурх мекунад,
Бо лахча сабт мешавад ашъори дафтарам.

Дарди дилам иҷозати бистар намедиҳад,
Вақте чароғ нест, ки сӯзад ба бистарам.

Ман шокиам чу кӯдаки сурӣ, зи ҷабри ишқ
Пеши Худо шикояти бисёр мебарам.

ДОҒИ ДИЛ

Бе барқи чашм меравӣ аз пеши рӯи ман,
Аз даст рафтаӣ дигар, ай орзуи ман.

Дигар суроғи ман накунӣ кӯ ба кӯи деҳ,
Ташвиш дода ними ҷаҳонро ба бӯи ман.

Дарё агар ба ком кашам, тар намешавам,
Ҷуброн намешавад талафи обрӯи ман.

Ай бо насими субҳи тамӯз улфатат тамом,
Аз гирдбод нест тиҳӣ чор сӯи ман!

Бар ман шароби ишқ ҳаром аст аз нахуст,
Ҷуз санги ҳодиса нахурад бар сабӯи ман.

Дурии ту баҳона гирифтанду рехтанд
Сад найситони нола ба нойи гулӯи ман.

Зиндонии ҷазираи дил кардам оҳро,
Ҳаргиз ба гӯши кас нарасад ҳоюҳӯи ман.

Ҳар к-ӯ зи лолатабъии ман буд бехабар,
Чун ту кашид доғи дили худ ба рӯи ман.

Дар дил умеди омаданатро завол нест,
То зиндагист, зинда бувад орзуи ман.

ГУЛХАН

Лолаи оҳам чу гулхан мешавад,
Дашти шаб якбора рӯшан мешавад.

Мезанад фарёд: "Бас кун, сӯхтам!"
Оқибат дил низ душман мешавад.

Кас намебинад, чу дар хоби хуш аст,
Дар дили шаб он чи бо ман мешавад.

Орзуҳои шуда хокистарам
Чун ғубори субҳ хирман мешавад.

Он чи ман уммед мекардам, саҳар
Обу ҳован, обу ҳован мешавад…

ҒАЗАЛ

Дили ман буд аз аввал ба ту моил, ба Худо,
То қиёмат наканад аз ту дилам дил, ба Худо.

Оби оташ нанишонад аташам, менабарад
Лаззати ташнагиям ташнаи соҳил, ба Худо.

Аз таби шуълаи дил роҳи раҳоӣ набувад,
Шарм меоядам аз кӯшиши ботил, ба Худо.

Кардам аз сӯзи дили хеш фиғон, зад ба сарам
Мушти хоки сияҳ аз боди муқобил, ба Худо.

Оташ андохтияш, то ки муқаддас гардад,
Ҷуз ту дохил нашавад дар ҳарами дил, ба Худо.

Ҳар ки дорад сари вайронии ин гуна ҳарам,
Аз абобил ба фарқаш бихӯрад гил, ба Худо.

Дасти ҳар кас, ки диҳӣ, бар дили ҳар кас, ки ниҳӣ,
Нашавад бе дили ман ишқи ту комил, ба Худо.

Дили ман хун нафишонад чу ман аз дидаи хеш,
Аз гулӯ гиря кунад мурғаки бисмил, ба Худо.

Киштгоҳест ҳаётам, ки надоду надиҳад
Беҳтар аз ҳодисаи ишқи ту ҳосил, ба Худо.

СУРУДИ ТАНҲОӢ

Ҳастӣ аз тору пуди танҳоист,
Сар задан аз вуҷуди танҳоист.

Рӯзу шаб дар шумори панҷ ангушт
Рӯ ба Танҳо суҷуди танҳоист.

Офият дар муҳити кофаркеш
Мондан андар ҳудуди танҳоист.

Шеъри ман ҳарфи шоири танҳост,
Шарҳи буду набуди танҳоист.

Дар найи устухон фиғони фироқ,
Дар лаб, аммо дуруди танҳоист.

Оҳи танҳо ба чарх хоҳам бурд,
Дар гулӯям сууди танҳоист.

Мурғи шаб нимашаб суруд андохт:
Зиндагонӣ суруди танҳоист!

НОГУЗИР

Ай ёр, бохабар нашудам, рафтӣ аз барам,
Ду дасти ҳасрат аст дигар болиши сарам.

Дигар ба хоб ҳам накашам пар, шаби дароз
Тар мешавад зи гиря пари қуи бистарам.

Нисбат ба лолазор макун доғзори дил,
Дар дил намонд тоқати гулҳои парпарам.

Сарро тамоми умр намондам, магар ба санг,
Вақте баланд кардамаш аз пои модарам.

Шодӣ дар ихтиёр надорам, ки орамаш,
Ғампарвар аст рӯҳи ғарибе, ки мебарам.

Дидорро аз он ба қиёмат гузоштам,
К-аз дида нур рафтаву аз даст боварам.

Инҳо баҳона аст, ба пириву хастагӣ
Аз ишқ нагзарам, ба Худо, ҳеҷ нагзарам!

ҒАЗАЛИ ШАҲОДАТ

Азхудгузашта бигзарад аз рӯзгор ҳам,
Дигар умеди гул накунад аз баҳор ҳам.

Парҳез кун зи ҳадя, ки дар рӯзгори марг
Як даста оташ аст гул андар канор ҳам.

Ҳарф аз қиёмат аст, ки бе қоимии он
Шоҳид намешудем ба марги виқор ҳам.

Вақте ки банди дор гулӯяш фурӯ гирифт,
Сар мениҳад ба пои Худо сарбадор ҳам.

Дар рӯ ба рӯи гӯшгарон наъра хомушист,
Айни ҷунун сурудани шеъру шиор ҳам.

Дирӯз агар даҳони лаҳад оҳ мекашид,
Имрӯз мегудозад санги мазор ҳам.

Ё Раб, умедро накушӣ, в-арна дар дилам
Бесуд мешавад ғами ишқи нигор ҳам!

ҲАРФИ СУРХ

Аз бисмилони ишқ намояндаем сурх,
Чун офтоб гавҳари тобандаем сурх.

Субҳ интишори мо зи гулӯи бурида аст,
Аз теғи моҳтоб парокандаем сурх.

Мо ҳарчи мекунем, зи мастии хуни мост,
Худро аз ин шароб биёгандаем сурх.

Дар санги рӯзгор чу дар лавҳи рӯзгор,
Ҳар ҳарфро ба нохуни дил кандаем сурх.

Сурх аст то нишони ману шоирони вақт,
Хунро ба ранг карда бадал, зиндаем сурх.

Ҳарчанд бӯи хун накунад офаридамон,
Мо сабтиномгашта ба парвандаем сурх.

ШЕЪРИ ДАРД

Ҷуз "дард" нест шеъри маро номи дигаре,
Оғози ман надорад анҷоми дигаре.

Азбаски ҳаст манбаи илҳомам аз Худо,
Айб аст рафтанам пайи илҳоми дигаре.

Гар сар зи боми худ набарорам чу офтоб,
Оташ фитад зи ман ба дару боми дигаре.

Ай ишқ , то зи ҷоми ту хӯрдам шароби талх,
Ширин нагашт коми ман аз ҷоми дигаре.

Гӯшам ба туст, чашму дилам низ сӯйи туст,
Ман зиндаам ба хотири пайғоми дигаре.

Айёми худ ба хушкии лаб бурдаам ба сар,
Кай тар шавад дили ман аз айёми дигаре.

Дар бениҳоятист маро нуқтаи ҳаёт,
Беҳуда аст гуфтани арҷоми дигаре.

ДАР МАРҚАДИ МУЪМИН ҚАНОАТ

Аё устод, бо афкори афлокӣ
Куҷо хобӣ дар ин гаҳвораи хокӣ.
Ба фирдавси барин ҳастӣ,
Ту бо Фирдавсӣ он ҷо ҳамнишин ҳастӣ,
Ки бо тасвири ҷангу сулҳ дар шеъри дарӣ,
дар номаи фурсӣ
Мураттаб гашт аз назми ту
ҷилди охири "Шаҳнома"-и Тӯсӣ…

САДОИ ИШҚ

Дар ин сарои куҳан орзуи тоза кунам,
Умеди гумшударо ҷустуҷӯи тоза кунам.

Намоз тоза кунам то ба қиблаи Маҷнун,
Ба ашки абри биёбон вузӯи тоза кунам.

Ба шукри он ки бихонам ҷанозаи шабро,
Ба хуни гарми шафақ шустушӯи тоза кунам.

Шаҳодати дили худро ҳазор соли дигар,
Ҳазор соли дигар обрӯи тоза кунам.

Барои куштаи дерин навина навҳа занам,
Фиғони тоза кашам, ҳоюҳӯи тоза кунам.

Барои ранҷи хуморе, ки тоза бояд кард,
Шароби куҳнаи ғам дар сабӯи тоза кунам.

Чу аз табори баҳорам, иморати ҳастӣ
Ба ранги тоза кунам, ҳам ба бӯи тоза кунам.

Кашида сар зи найистон, навӣ дамам ба найӣ,
Садои ишқ баланд аз гулӯи тоза кунам.

ДАР ШАҲОДАТИ ИШҚ

Ҳаметарсам, ки ин оташ, ки бар дил мезанад акнун,
Туро, ҷони ғарибуфтода, аз тан мекунад берун.

Баҳори ҳафтранг аз ҳафт рангаш шаҳрро гул дод,
Вале ҷуз хун ба ранге нест моил дидаи гулгун.

Дило, пурсиданат беҳуда асту ҷустанат бесуд,
Ба сад кӯшиш намеёбӣ дилеро баъд аз ин мамнун.

Дари худро ба рӯи ёри худ пӯшидагон оё
Хабар доранд аз ишқе, ки межӯлад ба хоку хун?

Ба ҷуз теғи шафақ кас хунбаҳояшро напардозад,
Агар сад тан фитад аз по, агар сад сар шавад вожун.

Раҳи тақдири бадро мекунад пургил, ки баргардад,
Фидои дидаи гардун! Фидои дидаи гардун!!

Худовандо, бад-он раҳмат, ки хоси туст, нагзорӣ,
Ки гардад беасар ҷуз таб, ки мирад зор ҷуз тоун!

АНГОРАЕ БАРОИ ДЎСТАМ САФВАТ

(Мазмун аз " Калила ва Димна")

Зоғе сафед бар сари сарве нишаста буд,
Ду чашми сар ба ҳалқаи бўзина баста буд.

Дар байни ҳалқа гавҳаре афтода буд сурх,
Чун оташе, ки нест дар ў ҳеҷ дуд, сурх.

Бўзинаҳои давра ҳама дастҳо дароз
Бар сўи гавҳаре, ки зи гармист бениёз.

Гўӣ зи тоби шуъла, к- аз он санг меҷаҳид
Гармӣ ба ҷисми ҷумлаи бўзина мерасид.

Чун зоғро намонд аз он ҳол тоқате,
Гуфто: "Намондааст шуморо фаросате!

Он санг ғайри гавҳари рахшанда нест, нест,
Матлаб ҳарорат аст, ки бахшанда нест, нест.

То кай фиреби оташи бесуд мехӯред,
Чашмон бубастаед, магар дуд мехӯред?"

Бӯзинаҳо ба ҷониби ӯ дида дӯхтанд,
Аз оташи нигоҳ равонаш бисӯхтанд.

Чун дар сараш ҳавои ҳақиқат зиёд буд,
Таҳдиди ҷумла дар назараш ҳеҷ менамуд.

Ногаҳ кашид пар зи сари сарву бедиранг
Омад, нишаст бар сари он санги сурхранг.

Гуфто: "Агарки оташи бедуд бошад ин,
Бигзор нақши ман бикунад пок аз замин!"

Бӯзинае ниҳод ба рӯи параш сапал,
Пар на, сараш биканд дар он ҳалқа бехалал.

ДАРАХТ

Дасти ман шохи арғувон шудааст,
Дар кафам барги дил хазон шудааст.

Чун чанорам ҳазор дасти дуо
Бар сари сахт соябон шудааст.

Рустаам чун ба селроҳаи умр,
Гурми зонуи ман калон шудааст.

Тарҳи танҳо кашида бар сари санг,
Аз барам соя покашон шудааст.

Мӯри андуҳ ҷавида чандонам,
Ки нафас бар танам гарон шудааст.

Сад табардаст дар камини ман аст,
Гоҳи фарёди "ал- амон!" шудааст.

Асри тоун баҳорро куштаст,
Он чи мехостам, на он шудааст.

Бар сарам гиряро таваққуф нест,
Чашми раҳми кӣ осмон шудааст?

Аз фишори баланд хуни дилам
Аз димоғи саҳар равон шудааст…

ҒАЗАЛИ ИСТИҚЛОЛ

Кунҷи қафаси сина барои дили ман нест,
Ин хонаи торик сарои дили ман нест.

Шерест, ки ҳаргиз надиҳад тан ба ҷафое,
Завлонаи таҳқир ба пои дили ман нест.

Пушташ нашавад нарм зи сарпанҷаи пӯлод,
Дар нохуни сурхида ҳинои дили ман нест.

Ҳар чашмаи хушкида надорад ба дилам рабт,
Ҳар барги хазондида намои дили ман нест.

Дил хонаи дарбаста бувад, қуфлу калидаш
Дар дасти касе, ғайри Худои дили ман нест.

Занге, ки ба гӯши асами шаҳру биёбон
Алҳамд нарезад, зи дарои дили ман нест.

Савганд ба соҳибдилии миллати тоҷик,
Дил нест ҳар он дил, ки фидои дили ман нест.

Дар ҳалқаи дилҳо агар озодатарин ҳаст,
Озодатарин низ ба ҷои дили ман нест.

РИСОЛАИ ДАРД

Ман доғи ҳазорсола дорам,
Дар сина мазори лола дорам.

Аз сурхии суратам ҳувайдост,
К- аз хуни ҷигар навола дорам.

Аз оби хиҷолати ҷабинам
Ду дида сабӯи мола дорам.

Дар соҳили чашмаи ҳаётам
Аз чашм парӯ пиёла дорам.

Як пора маҳи шаби баҳорам,
Аз хӯрдани занг ҳола дорам.

Буғзам нашикаст дар гулӯям,
Беҳуда ҳавои нола дорам.

Аз сардии дил бубастаам ях,
К- аз ашки фишонда жола дорам.

Бар дӯши таваккул аст борам,
Бахтам ба Худо ҳавола дорам.

Дардам нашавад ифода дар шеър,
Ғам дархури сад рисола дорам.

МАТНИ ЗИНДАГӢ

Шитта шуд андар фуроти зиндагӣ
Дар кафам хатти бароти зиндагӣ.

Дар пайи таҳдидҳо, таҳрикҳо
Даст шустам аз суботи зиндагӣ.

Ҷои осонии корамро гирифт
Майда- майда мушкилоти зиндагӣ.

Сахтии сар дорам, азбас бар сарам
Мехурад санги калоти зиндагӣ.

Фикри роҳат доштан фанди худ аст,
Нест осудан ба зоти зиндагӣ.

Шарҳ натвон дод бо алломагӣ
Нуктаеро аз нукоти зиндагӣ.

Хатти сурхи сарнавишти ман гувоҳ,
Хун бувад ранги давоти зиндагӣ.

Буд андар дафтари машқи сухан
Аввалин матнам" вафоти зиндагӣ".

Баъд аз ин то зиндаам, хоҳам будан
Шоири шеъри наҷоти зиндагӣ.

БЕОХИР

Дар ин муҳит, ки бӯе зи ошноӣ нест,
Хате сиёҳтар аз номаи ҷудоӣ нест.

Ба хунбаҳои вафо гар таваҷҷуҳе нашавад,
Зи бевафоии мутлақ раҳи раҳоӣ нест.

Ҷаҳон шабеҳи ҷаҳаннам шавад пас аз сари ишқ,
Ҳадиси сӯхтае мисли ман ҳавоӣ нест.

Чӣ суд аз ғами бисёру синаи камзарф,
Ғаме, ки нест қиёмат дар он, кироӣ нест.

Барои шоирии ман ҳамин саодат бас,
Ки ҳар чи рехтам аз табъи худ, риёӣ нест.

Тамоми фоҷиаро ин ғазал фаро нагирифт,
Валек шеъри маро нуқтаи ниҳоӣ нест.

ДАР ЗЕРИ БОРОН

Ай абр, ту бигзор, ки ман гилшуда хокам,
Боқист аз ин гавҳари тӯфонзада бокам!

Ман беватанам бар асари ашки ҳамеша,
Яъне ки дигар хонаи об аст мағокам.

Хуршед, ки зад бахя ба пероҳани Наврӯз,
Як ришта натобид, ки дӯзад дили чокам.

Аз саъйи ту ойина шудам, тоза нагардид
Аз доғи ғам олудагии хотири покам.

Боз ист аз ин гиряи новақт, мабодо,
Дар пои сиришки ту бубанданд ҳалокам!..

ДАР СӮГИ ШУКУФА

Накард барф тараҳҳум ба як баҳори дигар,
Шикаст бозуи сад шаҳр шаҳчинори дигар.

Ба хок хӯрд гиёҳу саҳоб даст нашуст
Ба сели гиря зи помоли хоксори дигар.

Насимро нафаси гарм орзу дорам,
Мабод, қат бикунад дасти шохсори дигар!

Барои марги шукуфа, барои пар- пари гул
Кӣ гуфт ашк нарезанд дар диёри дигар?

Касе, ки куштани хубӣ ба чашми худ дидаст,
Ҷароҳаташ накунад хуб рӯзгори дигар.

Зи лолаҳо, ки пайи ханда умр паймуданд,
Ба ғайри доғ намондаст ёдгори дигар.

Чу лолаест, ки баргаш зи барфбод бирехт,
Ба дил чӣ гуна диҳам ваъдаи баҳори дигар?!

БЕ ИШҚ

Дилам ба суҳбаташон мекашад, чӣ кор кунам?
Чӣ гуна ҳамраҳи ёрони худ баҳор кунам?

Димоғ бастани мардум батар зи дарбандист,
Насим атри хуш оварду ман маҳор кунам?

Нигорхона бувад шаҳрам аз гули лола,
Мабод, хонаи чашмам ба хун нигор кунам!

Баҳор ишқ талаб дорад аз сари мастӣ,
Вале ман ин натавонам талаб зи ёр кунам.

Агар азизи дили ман зи ман бипарҳезад,
Туфу ба сурати ин гуна рӯзгор кунам!..

ИШҚ МОНДАНИСТ

Ин ҳарф гуфтанист, чунин сатр хондanист:
Бовар накарданист, вале ишқ монданист!

Ман рондаи муҳаббати чанде шудам, вале
Ин ишқ боз хонданиву тоза ронданист.

Манзум мешавад суханам то ба гӯши ёр,
Шеърам суруданист, паёмам расонданист.

Хорӣ кашидам аз дари мардум ба номи ишқ,
Буғзам кафонданист, қасосам ситонданист.

Ин осмон, ки гиря кунад ҳафтаи дароз,
Аз санги ишқ лаккаи хунам равонданист.

Аз ғусса қиссаҳои диламро ҳисоб нест,
Ин дафтари сиёҳнависам даронданист.

Ишқе, ки рафтанӣ буду дастам гирифту монд,
Бори дигар ба рӯзи сиёҳам нишонданист.

Чун ишқ оташ аст, бале, кӯҳи оташ аст,
Ин ҳодиса ба Пули Сиротам кашонданист.

БЕ ХАТИ ОЗОДӢ

Фарёд зи хомӯшиву бефарёдӣ,
Танҳо набувад зи душманон бедодӣ.

Чун ҳалқаи дӯстон бувад доми дигар,
То ман нарасад дигар хати озодӣ.

Таъқиб кунанд ҳамчу сайдам ёрон,
Дилгир шудам зи сайдиву сайёдӣ.

Аз зилзила чун хонаи вайроншудаест,
Бар ҳоли дилам зӯза кашад ободӣ.

Аз заҳмати хасму меҳнати дӯст агар
Барбод равад сарам, хушо барбодӣ!

Деҳ, хоби бароҳатам шабе, к-осоям,
Ё Раб, зи фаромӯшиву аз беёдӣ.

Унвони "асир" додам имрӯз ба хеш,
Оянд азизон ба муборакбодӣ…

ҒАМИ СУРХ

Нест ҳарчанд дигар Шӯравиву "одами сурх",
Бигирифтаст зи нав рӯйи замин мотами сурх.

Лашкари сурхи "куруно" бирасидаст зи раҳ,
Дили мардум ба сари найзаи он парчами сурх.

Гарчи Наврӯзу баҳор аст, на бӯи гули сурх,
Бӯи хун мекунад имрӯз ҳама олами сурх.

Ашки тифлест, ки шаб дар ғами модар борад,
Субҳ дидан натавонам тарафи шабнами сурх.

Чун Худованд бузург аст, умед аст, умед,
Мерасад пайки наҷоти башар аз ин Ғами Сурх…

ХАНДАИ ГУЛ

Хезад аз бому дари манзили ман хандаи гул,
Нӯшдоруст ба захми дили ман хандаи гул.

Ман, ки дар мавсими гулҳо ба замин омадаам,
Ҳаст дар рӯйи замин ҳосили ман хандаи гул.

Маҳфиламро набувад бар гули сунъӣ ҳавасе,
Дорад аз сунъи Худо маҳфили ман хандаи гул.

Ҳамчу хуршеди баҳорон дили гармам умре
Карда аз чор тараф моили ман хандаи гул.

Гаштаам себи тановар ба дари боғи Ватан,
Шоха дар шоха шуда шомили ман хандаи гул.

Тарсам аз тирамаҳи умр бувад, к-аз сардӣ
Барад аз гул нафаси ботили ман хандаи гул.

Мекашад теғи табассум ба сарам шаб зи ҳилол,
Накунад, ки бишавад қотили ман хандаи гул.

То ман аз баъди сарам кӯзаи кошӣ бошам,
Нақш шуд рӯзи азал дар гили ман хандаи гул.

МУРҒИ ОТАШ

Ку оташе, ки сар бикашад аз вуҷуди ман,
То бар забони шуъла бупечад суруди ман.

Аз бас чароғи мурдадилам, хона тира аст,
Нобудан аст беҳтар аз ин гуна буди ман.

Бигзашт корвони ҷавонӣ, маро гузошт,
Чун лахча рафт бар сари ман кӯрдуди ман.

Гар барқ мезад аз дили хокистарам шарар,
Мебурд аз миёна бар оташ суҷуди ман.

Гӯгирд нозада, чӣ аҷаб, гар зи сӯзи ишқ
Оташбасар фатила шавад тору пуди ман.

Аз ҳар даре дарун биравам дар либоси нур,
Сӯзад вуҷуди фитна ба вақти вуруди ман.

То зиндаам, дар орзуи мурғи оташам,
Бе сӯхтан набуду набошад суъуди ман.

Гар кафтари дуруд паронам ба сӯйи бахт,
Оташ фитад ба боли сапеди дуруди ман.

Бешак, ҷаҳон шабеҳ ба як хона оташ аст,
Сард аст лек дасту дили каб-кабуди ман…

ҒАЗАЛИ БЕХОБӢ

Надорад пойи дил завлона имшаб,
Қиёмат мекунад девона имшаб.

Надонам, бо дили девонаи хеш
Чиям пеш ояд аз пешона имшаб.

Аз ӯ бинед, чун аз оташангез,
Агар оташ бигирад хона имшаб.

З-алавдарсар чароғи дил бисӯзад
Саросар миллати парвона имшаб.

Насӯзад гар ба ҳоли ман дили ман,
Куҷо сӯзад дили бегона имшаб.

Чу тангистони сина дархураш нест,
Барорад наъраи шерона имшаб.

Дилам рад кард, вақте ҳадя овард
Фалак ҷайбе пур аз дурдона имшаб.

Зи бесомониаш хобам паридаст,
Ману бедориву сомона имшаб.

Дили Давлат "Ҳазору як шаб" астӣ,
Аз ӯ кофист як афсона имшаб.

ҒАЗАЛ

Имрӯз замон гарчи ба шоир нагарояд,
Ҳарфе, ки биёрам ба забон, шеър барояд.

Ай он ки ту огоҳтарӣ бар ману қисмат,
Дасте бирасон, то дари иқбол кушояд.

Он ёр чӣ ёрест, ки аз ман бигурезад
В- ин бахт чӣ бахтест, ки худро нанамояд?

Ай кошки дар ошиқиям уқда науфтад,
Ай кошки як бори дигар ишқ биёяд.

Ай кошки аз хонаи дил рафта ба ғурбат
Як рӯзи баҳорӣ зи дари хона дарояд.

Бар ёр бигӯед, ки дар мулки вуҷудам
Ин рӯҳи мусофиршуда то дер напояд.

Чун пой шавад пир, ба кӯят накашонад,
Чун даст шавад пир, ғуборат назудояд.

Бар ҷониби гул даст барам, хор халонад,
Бигзорам агар рух ба рухаш, атса физояд.

Пиронасар аз ишқ ғазал хуб нахезад,
Донам, ки дар ин амр маро кас наситояд,

Аммо чӣ кунам, ишқ бувад охири корам,
Бигрехтан аз охири ҳар кор нашояд.

КИТОБИ ДАРД

Агар рӯи заминро тай кунам, ёре намеёбам,
Сари шӯридаи худро парасторе намеёбам.

Ҷигарро пора кардам дар талоши ишқу донистам,
Ки ҳар сӯ рӯ биёрам, ҷуз ҷигархоре намеёбам.

Ғамамро мехӯрад танҳо ғаму ин поя ғамхорӣ
Чу дар имкони одам нест, ғамхоре намеёбам.

Раҳо хӯрдаст аз дастам гиребони фалак дигар,
Ки дар тақдири бад ҷуз худ гунаҳгоре намеёбам.

Зи ман танҳотаре дар байни мардум нест, то ҳадде,
Ки зери осмонро камтар аз ғоре намеёбам.

Замине хокаш аз марзи биҳишту обаш аз Кавсар
Барои гандуми дил коштан боре намеёбам.

Ҳама дарди диламро рехтам, кардам китоб, аммо
Барои дарди бедармон харидоре намеёбам.

Назар бар баъди худ меафканам, осуда мегардам,
Чу дар ёди касе аз хеш осоре намеёбам.

ФАРЁДИ ДАРД

Синаам дод мезанад, чӣ кунам?
Дард фарёд мезанад, чӣ кунам?

Дили зиндонӣ аз лаби хушкам
Оҳи озод мезанад, чӣ кунам?

Ишқи андӯҳ мондаву рафта
Боз бар ёд мезанад, чӣ кунам?

То даруфтодаам зи по, Иблис
Наъраи шод мезанад, чӣ кунам?

Бар рухи сӯхта аз оташи таб
Нафасам бод мезанад, чӣ кунам?

Бӯи ғам бурда, бонги гиряи талх
Тифли навзод мезанад, чӣ кунам?

Мезанад ончунон дилам, ки ба кӯҳ
Теша Фарҳод мезанад, чӣ кунам?

Лаб зи фарёд бастаам, аммо
Дард фарёд мезанад, чӣ кунам?..

СИЁҲНАВИС

Мабош мунтазири номаи шикастадиле,
Ба даст хома надорад дили шикастаи ман.

Дигар чу баҳри Арал хушк гаштаву ранге
Барои нома надорад дили шикастаи ман.

Ту хос нестӣ, аз баҳри кӣ кунад мактуб,
Ҳавои ома надорад дили шикастаи ман.

Намонда дар баданаш хун, ки пираҳан бошад,
Дай асту ҷома надорад дили шикастаи ман.

Ба коми дил нарасидам ман аз сурудани шеър,
Зи шеър кома надорад дили шикастаи ман.

Сиёҳномanавис аст баъди мурдани ишқ,
Сапеднома надорад дили шикастаи ман.

ЗАНГИ ДИЛ

Муҳите содаву беранг дорам,
Диле дорам, валекин танг дорам.

Се навбат мезанад аз баъди ҳар ист,
Ба ҷои дил ба сина занг дорам.

Ду дастам аз гиребонам ҷудо нест,
Тамоми умр бо худ ҷанг дорам.

Ба гардан тавқ шуд, дар пой занҷир,
Намедонам чаро фарҳанг дорам.

На фан донам, на фанде метавонам,
Даре бикшода бар найранг дорам.

Манам, к-аз ҳафт ранги нақши ҳастӣ
Ба чашми худ ҳазор"Аржанг" дорам.

Таҳаққуқ нестам дар суннати Шарқ,
Тақаллубҳое аз Афранг дорам.

Ба пешонӣ суруди зиндагонӣ
Мураттаб аз хати ожанг дорам.

Фарорам то ки бар фарқи сари ғам,
Даруни остинам санг дорам.

Намонад то дили ман беқаламрав,
Ба шаҳри орзу оҳанг дорам.

Набӯсидам рикоби ишқ, ҳайф аст,
Агар афсар в-агар авранг дорам.

Ман аз дору надорам то қиёмат
Зи рӯҳи бемуҳаббат нанг дорам.

ҚАФАСӢ

Бар шери қафас хории тан мемонад,
В-аз хории ҷон наъра задан мемонад.

Шере, ки даруни панҷара зода шудаст,
Шоҳест, ки бе гӯру кафан мемонад.

То зинда бувад, қафас барояш ватан аст,
Рӯзе, ки бимирад, аз Ватан мемонад.

Кас гӯр надидаст, ки шере хуфтаст,
Ин мурда ба каргасу заған мемонад.

Дил дар қафаси сина қиёмат дорад,
Шери қафасӣ бар дили ман мемонад!

ДИЛАМРОВУ ИШҚРО

Паҳлӯи мард бори гарон мард мекашад,
Ман дард мекашам, дили ман дард мекашад.

Сураткаше, ки чашм зи рӯям намеканад,
Дар коғази сафед рухи зард мекашад.

Рассоми вақт гавҳари озодии маро
Қимат шинохтаст, ки овард мекашад.

Мониқалам касест, диламрову ишқро
Дар кӯзаи чағида гули зард мекашад.

Гардам аҷинабодаки таърих мебарад,
К-ин навъи бод дар бағалаш гард мекашад.

Умре зи гармии нафасам сӯхтам, вале
Оҳе, ки мекашад ду лабам, сард мекашад.

Ай дӯст, чеҳраам чу ҳама метавон кашид,
Килке дуруст кун, ки маро фард мекашад…

САРВИ ХИТОБ

Наомад аз ту бар ишқам ҷавобе,
Шудам нобуд чун нақше дар обе.

Сафар кардӣ туву дар дидаи ман
Тиҳӣ гардид ҷои офтобе.

Чаро осӣ шудӣ бар ман, чӣ кардам,
Ки куштӣ ишқро бо инқилобе.

Ғурурамро шикастӣ, пора кардӣ,
Наёмад хотири ман дар ҳисобе.

Бароят қиссаи бархонда будам,
Фурӯбаста, ҳаводода китобе.

Гумон кардам, ки дарёест ишқат,
Дилам ғарқид дар мавҷи саробе.

Аз аввал чун ба ту бахшидам онро,
Ҳаётам шуд иборат аз азобе.

Зибас тарсидаам аз ишқ, ҳаргиз
Надорам як дами беизтиробе.

Надорам аз ту чизе, ҷуз хаёле,
Наёрам бо ту будан, ҷуз ба хобе.

Кӣ ҷуз чашмам чаконад соати марг
Ба лабҳои ҳарисам чакраобе?

Пас аз мурдан нагардам аз ту озод,
Намонам сар ба хиште беитобе.

Далели бурданам номат ба фарёд
Шавад дар марқадам сарве хитобе…

ҒУРБАТ

Ту кӯҳи сарбаланди ман будӣ,
Аз оғуши ту ошёна доштам.
Уқобвор бол мезадам пур аз ғурур,
Зи ишқи ту баҳона доштам.

Кунун ғурури ман шикастаӣ чу боли ман,
Ки ошёнаи маро иҷора додаӣ.
Ту кӯҳи ман будӣ,
Барои ман чу хорасанг
Дили ҳазорпора додаӣ.

Дигар надорам ошёнае дар ин диёр,
Дигар муҳоҷирам ба мулки хештан,
Дигар парандае ғарибтар зи ман
Надорад ин Ватан…

ҚАДР

Дар он миҷод, ки ёрон ба Ҳақ салом кунанд,
Ҳама умед зи саҷҷодаву қиём кунанд.

Аз он миёна мани пургуноҳ метарсам,
Ки пеши чашми Худовандам интиқом кунанд.

Агарки номаи ман ҳамчу шаб сиёҳ нашуд,
Ба ҷойи хоб чаро мурғакон паём кунанд.

Ҳазор қайд бувад интизори омаданам
Ба ҳар куҷо, ки маро мардум эҳтиром кунанд.

Ба зери бори муҳаббат бимирам, ин ёрон
Агар муҳаббати худро ба ман тамом кунанд.

Ғурури ман бихӯрад хок, рӯзи дафнам агар
Ҷаноза хондани мағрурро ҳаром кунанд.

Ба ғайри куштани ишқам набуд дастрасе,
Бигӯ, ҳаёти маро марги ишқ ном кунанд.

ҒАЗАЛИ НОЧОРӢ

Дило, махоҳ, ки ман пеши ёр гиря кунам,
Ки коргар нафитад, гар ҳазор гиря кунам.

Кунун ки дасти маро дасти ишқ кард раҳо,
Чӣ гуна бигзарам аз нангу ор, гиря кунам.

Гирифт буғз гулӯям, биё, ту оҳан бош,
Раво мадор, ки беихтиёр гиря кунам.

Мабод, тангии ту гиряро диҳад берун,
Дареғи мардӣ, агар зор -зор гиря кунам.

Агар иҷозати гиря диҳанд мардонро,
Ба бемуҳаббатии рӯзгор гиря кунам.

Сарам ба санг занам, то ғурури худ шиканам,
Равам, ба кӯҳ чу абри баҳор гиря кунам.

Ҳазор пушта барорам, ҳазор сахра канам,
Агар ба содагии обшор гиря кунам.

Дило, мазори муҳаббат шудӣ, маро бигзор,
Агар ки гиря кунам, бар мазор гиря кунам.

ХОҲИШ

Ай ишқ, тоза соз ғами порсоларо,
Аз чашми ман бибор ту борони жоларо.

Дардам чунон бидеҳ, ки наёбам аз он раҳо,
Хуни ҷигар намо ба даҳонам наволаро.

Дур аз ту боз мурдадилу хастаҷон шудам,
Берун бубар ту аз лаби хушкида ноларо.

Бар захмҳои куҳна даво карданам бас аст,
Бори дигар бинеҳ ба дилам доғи лоларо.

Бе ту шароб дарди сарам медиҳад, биё,
Бардор шишарову пурӯ кун пиёларо.

Дӣ пешвоз омадамат, рӯй тофтӣ,
Имрӯз узрҳост ду пои кашоларо.

Худро ба ту ҳавола намудам, вале дареғ
Инҷо умед нест ба мардум ҳаволаро.

Ман мушкилам ба пеши кӣ бояд барам, агар
Унвон шудаст номи ту милюн рисоларо.

Берӯҳ гаштааст ҳаётам бидуни ту,
Ман ёд кардаам, ба Худо, рӯҳи воларо.

Ай ишқ, тоза соз ғамам, ҷони тоза бахш
Ин зиндагии берамақи дерсоларо.

ҒАЗАЛ

Дар иртибот бо дил аз даст рафт корам,
Тарсам, ки рӯи роҳаш як рӯз мегузорам.

Ай дард, бо дили ман ҳамзодият яқин аст,
Маҳбур дилгаронам, ночор дилфигорам.

Ҷуз мори оташ акнун дар нахли он напечад,
Чашми хазон расидаст бар боғи рӯзгорам.

Чун бар дарахти хушке холист шохи дастам,
Боде чӣ меситонад, барге агар надорам.

Ай мурғи шаб, чу набвад аз ҳақ гузир, "ҳақ" гӯ!
То иқтибосат орам дар шеъраму шиорам.

Хеш аст бо сириштам ишқе, ки ғуссазояст,
Худро ба хотири ишқ бар ғусса месупорам.

Як рӯз мегурезам бо ӯ ба гӯшаи амн,
Осуда мешавад дил дар хонаи мазорам.

ПАЙК

Ай мусофир, ай насими раҳгузар,
Бар парастуҳо бубар аз ман хабар.
Лонашонро, гӯ, ба зери сақф бонӣ мекунам,
Гӯ, ба уммеди баҳору дидани дидор се фасли дигар
Аз муҳаббатҳо канору бар шақоватҳо асир,
Гарму сарду замҳарир
Зиндагонӣ,
Зиндагонӣ,
Зиндагонӣ мекунам…

ТАКФИН

Соли нав моро куҳан кард,
Рахнаҳо дар мову ман кард.
Фасли дай бо сӯфи барфаш
Хоки поки модарамро,
Ки тамоми тирамоҳ
Зери борони сиришки ҳасрати худ
Шустушӯ додам, кафан кард...

ҒАЗАЛ

Теғи шафақ давиду уфуқ лолафом шуд,
Дар чашми субҳ зиндагии шаб тамом шуд.

Тақсири бахт буд, ки дар кӯи ошиқон
Тифли ятими ғуссаи ман ишқ ном шуд.

Бар ошиқии хосаи худ хандаам гирифт,
Вақте хабар шудам, ки ҳама хос ом шуд.

Аз банди хеш роҳи раҳоӣ наёфтам,
Ҳар ришгае, ки дӯки дилам ришт, дом шуд.

Як най шакар бубаст саропоям аз гудоз,
Хуне, ки ҷӯш зад ба раги ман, қиём шуд.

Қалбам фишор хӯрду равонам фиғон кашид,
Дардам забони шеъру шиору паём шуд.

Анҷоми ман табираи оғоз мезанад,
Бидруд бар лабам нарасида, салом шуд.

Гар шоирон ғулом ба табъи равон шаванд,
Давлат ба лутфи соҳиби табъаш ғулом шуд.

ШОДИЁНА

Ай дарахт, аз ҷавонаи Наврӯз
Лаб кушо бар фасонаи Наврӯз.

Бо гули сурх барфурӯз аз хеш
Гулхани ҷовидонаи Наврӯз.

Ҳамчу бодом дар сари пушта
Шуъла зан рӯи шонаи Наврӯз.

Бигзаронед хуш, аё мардум,
Нагзарад то замонаи Наврӯз.

Гирд оеду базм ороед
Бар сари хони хонаи Наврӯз.

Гӯш бар савти обшор диҳед,
Месарояд таронаи Наврӯз.

Бо тараб дил ба рақс мехонад
Зарби чангу чағонаи Наврӯз.

Мебарад маргро зи ёд, хушо,
Зиндагӣ бо баҳонаи Наврӯз!

То барои ҳамеша сабз шавад
Андар ин хок донаи Наврӯз,

Барзгар, барфишон ба дасти рост
Дона дар остонаи Наврӯз.

Ай дарахт, аз Худо ба сурати гул
Бирасон шодиёнаи Наврӯз.

ҲАРФИ ОҲ

Ногуфтанист ҳарфи дили додхоҳи ман,
Ҳаргиз нахезад аз лаби ман ғайри оҳи ман.

Хуршедро чӣ рафт, ки чун модарандарон
Дасте намонд бар сари рӯзи сиёҳи ман.

То бурдаам паноҳ таҳи сақфи осмон,
Орад фишор бар сари ман сарпаноҳи ман.

Шак нест, ҷони ман, ки дар андӯҳгустарӣ
Имрӯзро ба сухра бигирад пагоҳи ман.

Кажравтарам зи чарх, Худоро, чӣ метавон
Вақте ки ростист шарики гуноҳи ман.

Азбас гирифтаҳолтаранд аз мани ғариб,
Ёрон намерасанд ба ҳоли табоҳи ман.

Аз кӯҳи оташ аст гузорам зи бахти бад,
Насли Сиёвашанд рафиқони роҳи ман.

Ман аз ҳузури ишқ чу шабкӯра ғофилам,
Бар офтоб тоб наёрад нигоҳи ман.

МУРҒИ ТАНҲОЙ

Мурғи танҳоии ман сар бадар аз бозу кард,
Номи ширини туро шаб ҳама шаб ку-ку кард.

Ранг зад бар варақи субҳи умедам, вақте
Хуни ҷӯшида зи минқор ба пар ҷору кард.

Шахсам аз сели муҳаббат, ки гузашт аз сари ӯ,
Сари шӯридаи худро ба сари зону кард.

Он ки бе ту натавонист, дили танҳо буд,
Ки ба овози гирифта сари ҳою ҳу кард.

Имшаб аз хотири ту бурд зи хотир худро,
То саҳар дар қафаси синаи ман "ё ҳу!" кард.

Ҳучбемор диле дод ба дастам ишқат,
Кафам аз баҳри иморӣ масали соғу кард.

Инчунин ишқ, бигӯ, сохтаи дасти кӣ буд,
Гарна бо дасти азизи ту маро ҷоду кард?

Мурғи илҳом наомад ба суроғам бе ту,
Чашми ман дона фишонду лаби ман "ту-ту" кард.

УМЕДИ НИҲОӢ

Ало ишқи охир, умеди ниҳоӣ,
Куҷоӣ? Куҷоӣ? Куҷоӣ? Куҷоӣ?

Ҳама умр дорам туро аз Худованд,
Гадоӣ, гадоӣ, гадоӣ, гадоӣ.

Мабодо, ки умрам ба охир расонад
Ҷудоӣ, ҷудоӣ, ҷудоӣ, ҷудоӣ.

Ба ҷуз аз ту хоҳам зи ҳар киву ҳар чӣ
Раҳоӣ, раҳоӣ, раҳоӣ, раҳоӣ.

Агар аз заминат наёбам, бигардам
Ҳавоӣ, ҳавоӣ, ҳавоӣ, ҳавоӣ.

Ҳаёти чу барқам куҷо бе ту бошад
Кироӣ, кироӣ, кироӣ, кироӣ.

Маро зинда дорад умеде, ки рӯзе
Биёӣ, биёӣ, биёӣ, биёӣ.

Биёӣ, бисозӣ муҳити ғарибам
Тилоӣ, тилоӣ, тилоӣ, тилоӣ.

МУҲРИ МЕҲР

Ман бе ту сахт дилгир,
Ман бе ту сахт дилтанг.
Дурии мо дар ин шаҳр
Бе фарсах асту фарсанг.

Бар рӯи ҳам набинем
Вақти гузар зи паҳлу.
Ай вой бар чунин ишқ,
Ай вой бар ману ту.

Дасти кӣ кард таҳмил
Ин хашму ахм бар мо.
Чашми бади чи кас зад
Ин чашмзахм бар мо?

Коре, ки дил намехост,
Мову ту пеш мондем,
Аввал зи дил гузаштем,
Охир зи хеш мондем.

Ай карда дар равонам
Бо қаҳру ноз маҳшар,
Бар зонуи кӣ монам
Дар вақти мурданам сар?

Ман бар ту сахт ошиқ,
Ман бар ту сахт пазмон,
Хандон биёву биншин,
Сар бар сари дилам мон.

Аз коғази ҷабинат
Мактуби меҳр хонам,
Бар номаи муҳаббат
Аз бӯса муҳр монам.

БЕНИШОН

Мурдам аз интизорӣ дар остонаи ишқ,
Қисмат надод роҳам аммо ба хонаи ишқ.

Ҷуз ишқ хоҳише гар медод арза худро,
Рад менамудам онро ман бо баҳонаи ишқ.

Афсонаҳои модар хушхоб карда будам,
Дар хоб рафт умрам гарми фасонаи ишқ.

Ёри хаёлии ман, хуш бош, чун набудӣ
Ғайри хаёл ёрам андар замонаи ишқ.

Сайёд то бичинад мурғи дили маро пар,
Дар доми зиндагонӣ афканд донаи ишқ.

Паррандаи умедам саргаштаи ҷаҳон шуд,
Ай кош, оташ афтад бар ошёнаи ишқ.

Аз бас қабул н-афтам то мурданам бар он дар,
Бар гӯри ман нависед: Як бенишонаи ишқ...

Посух наметавонам гуфтан, агар бипурсанд
Бе ишқ чун сурудам умре таронаи ишқ?

ЯТИМ

Хоки маро ба ашки ятимӣ сириштаанд,
Ҷуз ғусса ҳар чи ҳаст, аз ин хок ҳиштаанд.

Хушбоварам зи дасти дили хушнигоҳи хеш,
Девони аҳд дар назари ман фариштаанд.

Нақдинаам, вале накунад вақт сарфаам
Дар соате, ки сонияҳо бесариштаанд.

То ғайри коҳу бод набошад ба хирманам,
Дони умеди ман ба сари санг киштаанд.

Ё ҷуз шикаст нест насиби ман аз ҳаёт,
Ё қисматам ба хатти шикаста навиштаанд.

Рӯшиданист ҳамчу катон тору пуди ман,
К-ин тору пуд дар шаби маҳтоб риштаанд.

Бесоҳиб аст тифли дилам, гиря мекунад,
Соҳибдилони вақт чи бефарқ шиштаанд...

ДАР СОЯИ ҒАМ

Набошад ғайри ғам сармояи ман,
Набуду нест шодӣ ғояи ман.

Маро бо чочаки ғам шири ғам дод
Ба вақти тифлии ман дояи ман.

Панаҳ дар сояи ман мебарад ғам,
Ки ҷои амн бошад сояи ман.

Ҳадиси ман ба ғам оғоз гардад,
Ба ғам анҷом ёбад ояи ман.

Арӯси шеър бе пироя пир аст,
Ғам омад дар сухан пирояи ман.

Агар ғамгинтарин шоир бикӯшад,
Нагӯяд шеъри ғам дар пояи ман.

Бувад то зиндагӣ, ҳаргиз на бо дил
Ба сар ояд ғами якҷояи ман.

Худоё, гар ғами ман мардумӣ нест,
Чаро пӯшад сияҳ ҳамсояи ман?..

СОАТИ ЗИНДАГӢ

Бо ятимӣ натавон гуфт таку танҳоям,
Бағалам пур шавад аз хеш, агар бикшоям.

Ман, ки аз ёди худам низ фаромӯш шавам,
Гар касам ёд наорад, набувад парвоям.

Ҳар куҷо дам задам аз ишқ, ҳама ханда заданд,
Шарм меоядам аз ошиқии расвоям.

Ишқ гум гашту наомад дигар аз роҳи сафар,
То қиёмат раҳи гумгаштаи худ мепоям.

Осмон гиря кунад бар асари зиллати хеш,
Ор донам, ки ба дӯшаш биниҳам савдоям.

Мерасонам ба шумо он чи дилам гуфт ба ман:
То умедест дар ин сина, намеосоям!

Соати зиндагӣ аз марг надорад хабаре,
Ман дар он ақрабаам - мераваму меоям...

ҲАРГИЗ

Накардам дӯстӣ бо ишқ ҳаргиз,
Задам фарёд: Ҳошо ишқ, ҳаргиз!

Тамоми умр дар кунҷи дили ман
Ҳавас ҷо дошт, аммо ишқ ҳаргиз.

Дили ту ҳар чи мехоҳад, азизам,
Зи ман мехоҳ, танҳо ишқ ҳаргиз.

Аз ин афсона, охир, даст бардор,
Надорад қиссаи мо ишқ ҳаргиз.

Ту он чи ишқ пиндорӣ, гумон аст,
Намонад ҷуз ба руъё ишқ ҳаргиз.

Зи ман девонаи расвотаре ҷӯ.
Маҷӯ з-ин пири расво ишқ, ҳаргиз.

Дурӯғатро барад бар ҳафт иқлим,
Магӯ бар бод ҳатто "ишқ" ҳаргиз!

САХРА

Осудаам аз ранҷу таб,
Оромам аз исёну шӯр,
Бар ман сироят кардааст
Тамкини Заркӯҳи сабур.

Аз юмни танҳоӣ дигар
Дорам суйи ботин назар,
Онро ки танҳо чун Худост,
Бо худ бувад завқи ҳузур.

Бо дил маро аҳд аст, аҳд,
К-аз рӯи азми ҷазму ҷаҳд,
То вораҳад аз тирагӣ
Бояд намоз орад ба нур.

Ай пои ман, аз ҷо марав,
Ай дасти ман, бечо машав,
Ай гӯши ман, кар бош, кар,
Ай дидаи ман, бош кӯр!

Сахт аст будан дар замин
Бо гургу меши одамин,
Ай офтоб, ай меши сурх!
Ай осмон, ай гурги бӯр!

Осудаам аз ҳар шикаст,
Оромам аз авҷи ғурур,
Чун сахра дар баҳрам, кунад
Аз пои ман тӯфон убур...

*Заркӯҳ - номи кӯҳ дар дараи Ромит.

БЕБАҲОНА

Замона ранги дигар гашт, ин замонаи ман нест,
Башорат аз дили хушбахт дар таронаи ман нест.

Дигар шудаст табиат, ҳамон мизоҷи куҳан ку,
Чаро ҳаёҳуи озоди орифонаи ман нест?

Зи ишқ ҳарчи бигӯянд, ман ба ёд нагирам,
Агарчи қиссаи хуб аст, он фасонаи ман нест.

Ҳилол кафши фикандаст в-он ба ёд биёрад,
Ки нақши пои азизе дар остонаи ман нест.

Худои хонаи ман буд модаре, ки зи сар рафт,
Дареғи бандагӣ, охир, худои хонаи ман нест.

Чи сон ба мазраи дил донаи умед бикорам,
Дилам хароб шуд акнун, умед донаи ман нест.

Ту, дӯст, маслиҳатам деҳ вагарна ростӣ имрӯз
Барои зистани дил дигар баҳонаи ман нест.*

*Мисраъ бо каме тағйир аз Нодири Нодирпур аст.

ҒАЗАЛ

Зиндагӣ аз ману ту низ гузар хоҳад кард,
Ҳоли бадкардаи мо боз батар хоҳад кард.

Луъбатакҳои зиёданд ба зери дасташ,
Ин яке монда фурӯ, рӯ ба дигар хоҳад кард.

То кунад орзуи бахти туро хокбасар,
Қасри уммеди маро зеру забар хоҳад кард.

Кардаӣ фосила эҷод, Худоро, дурӣ
Ҳар қадар дур кашад, бӯи хатар хоҳад кард.

Пештар рафт бадар, гарчи ба даъвӣ гуфтам:
Аз кафам дасти туро марг бадар хоҳад кард.

Ишқ оҳанги абад дошт, ҷавонаш куштем,
Ҷовидон аз туву ман сарфи назар хоҳад кард.

Дили ман мурду ту огаҳ нашудӣ, ғайри ғазал
Оламеро зи мусибат кӣ хабар хоҳад кард?..

САД ҒАЗАЛ ОРЗУ

Сабаби ишқ барфи рӯи ту шуд,
Дидани об дар гулӯи ту шуд.

Дидаи ошиқам бузургат кард,
Ишқи ман боиси нумӯи ту шуд.

Тани овораам зи пушти ту рафт,
Дили бечораам ба бӯи шуд.

Аз ту як мӯ наёфт ранги вафо,
Рӯзам охир ба ранги мӯи ту шуд.

Талх шуд аз сиришки ман бода,
Гарчи як қатра дар сабӯи ту шуд.

Гуфтугӯи ту доштам бо дил,
Умри мо сарфи гуфтугӯи ту шуд.

Сад ғазал кардам орзуи туро,
Дафтарам пур зи орзуи ту шуд.

ЗАБОНИ ФАРЁД

Бо дил чӣ кунам, ки ҷуз ту дар ёдаш нест,
Ҷуз номи ту дар забони фарёдаш нест.

Дар панҷараи синаи ман зиндонист,
Аз ҳеҷ тараф умеди имдодаш нест.

Зиндони дилам, валек аз ман набувад,
Аз ишқ бувад, ки хотири шодаш нест.

Аз рӯи табиат аст ошиқпеша,
Устод надорад, хати иршодаш нест.

Хоҳад, ки ба дастбӯсии ту биравад,
Аммо чӣ кунад, ки пойи озодаш нест.

Дил шарм кунад зи додхоҳӣ, вақте
Донад, ки туро ҳеҷ ғами додаш нест.

В-аз панҷараустухони ин синаи танг
Хуштар ба ҷаҳон ҷойи худододаш нест...

СУКУТ

(Бар асари базӯр қадам чидани пирамарде)

Диле чу оина фардо шикаста хоҳам дошт,
Ҳазорпора, вале ногусаста хоҳам дошт.

Барои он ки нарезад дили ҷағида зи ҳам,
Шикастаоинаамро дудаста хоҳам дошт.

Ба ҷуфти панҷаи ларзон фушурда дасти асо,
Тани заифи сари по нишаста хоҳам дошт.

Ба пеши зиндагӣ аз баъди садҳазор набард
Ду зонуи зи итоат шикаста хоҳам дошт.

Далели карданам аз хеш қатра-қатра фирор,
Ду чашми обрави ногириста хоҳам дошт.

Зибаски ишқ набуду наметавонад буд,
Сари ғариби аз ин ғусса раста хоҳам дошт.

Чу ҳарфҳо ҳама беҳуда мешаванд, забон
Ба ғайри гуфтани такбир баста хоҳам дошт.

Бале, аз он чи дар имкони ман бувад фардо
Сукути сангии худро хуҷаста хоҳам дошт.

ДИГАР БЕ ИШҚ...

Дигар андар ҳавои ошиқона
Нахезад аз лаби мардум тарона,
Агар аз ишқ гӯй, музҳик уфтад,
Нагардад ҳеҷ кас гирди фасона.

Дигар бар ошиқӣ бовар надоранд,
Ҳама доранд дил, дилбар надоранд.
Агар ишқи ту гул бошад, начинанд,
Сари фоли гули пар-пар надоранд.

Агар ҳайкал барои ишқ созӣ,
Варо манзил ба ҷуз пушти даре нест,
Агар аксаш бубардорӣ, хабар бош,
Ки ҷои акс пушти дафтаре нест.

Махон ашъори ишқӣ, шоир имрӯз
Агар оҳе кашад, оҳаш китобист.
Агар аз моҳрухсоре бигӯяд,
Рухаш маснӯиву моҳаш китобист.

Таборак хон ба гӯри содаи ишқ,
Ба гӯри гавҳари аз даст рафта.
Дареғи будани бе ишқ, ай дӯст,
Дареғи асру солу моҳу ҳафта...

ГУЛИ ФИРДАВС

Худо ёрат, дили девонаи ман,
Магӯ, к-андар сарат савдои хом аст.
Магӯ, ки огаҳӣ аз расми айём,
Хабар дорӣ, ки маҷнунӣ ҳаром аст.

Дило, ман будам он тарсу, ки умре
Ҷунуни ишқро аз ту панаҳ кард.
Намехоҳам, ки баъди ман бигӯянд,
Ки ӯ рӯзи дили худро сияҳ кард.

Биё, омода кун болу паратро,
К-аз ин байғула мебояд паридан,
Паридан хуштар аз монанди тӯбе
Ба зери сумби деву дад даридан.

Набошад чораи ту ҷуз раҳоӣ,
Раҳоӣ чораи бечорагон аст.
Ба саҳро рав, машав овора дар шаҳр,
Ки саҳро хонаи оворагон аст.

Дило, ҳаргиз махӯр андӯҳи маҳшар,
Ки чун ту ошиқе мурдан надорад.
Гули фирдавс дар рӯи заминӣ,
Гули фирдавс пажмурдан надорад.

БАРОИ ФАСЛИ МАВЛУД

Мекунӣ ҳар сол аксам
Бештар аз пештарҳо хандадор, –
Хонаи ойинаҳоӣ, ай баҳор!

ҚИТЪА ВА ЧАҲОРПОРА

ШАҲКИТОБИ ИСТИҚЛОЛ

Омад аз шафақ берун офтоби Истиқлол,
Субҳи толеи мо шуд инқилоби Истиқлол.
Чун ба дасти миллат буд фатҳи боби Истиқлол,
"Тоҷик" аст унвони шаҳкитоби Истиқлол.

ГУВОҲ

То маро шоирӣ муяссар шуд,
Дил дар оташ задам, самандар шуд.
Дар қиёмат гувоҳи ман шеър аст,
Бар сарам он чи рафт, дафтар шуд.

ТАМАННО

(Ба Бузургмеҳри Ҳаким)

Ай нури чашми ман, дили ман аз ту равшан аст,
Фардо маро ба шеъри ту маъвою маъман аст.
Ҳарчанд бо насиби Худо ҷои баҳс нест,
Сад сол зиндагонии ту хоҳиши ман аст.

ҶОДАИ ОЗОДАГӢ

Мо, ки то озодагӣ дер омадем,
Бо дами борики шамшер омадем.
Дар найистони Ватан оташ заданд,
Мо аз он оташ бурун шер омадем.

ТАКРОР

Гӯяд гули бишкуфта саҳар: "Ишқ муборак!"
Овоз диҳад муштаки пар: "Ишқ муборак!"
Ман низ бигӯям сухани гуфта ба такрор:
"Ай аҳли Ватан, бори дигар Ишқ муборак!"

БИЛЛОҲ!

Гар кунад варзиданаш рӯзам сиёҳ,
В- ар нагардад шоми ман бо ӯ пагоҳ,
Ҷонибам чун ишқ созад як нигоҳ,
Аз ду олам мебарам бар вай паноҳ.

ПАЙК

Рӯи дасти баҳор зода шудам,
Дояву пиру раҳнамост баҳор.
Номаи барги сабз овардаст,
Пайки байни ману Худост баҳор.

ФАНД

Қомат ин бор шикастем ҳама,
Бар сари хок нишастем ҳама.
Марг то мурдаамон пиндорад,
Манаҳи хеш бубастем ҳама.

ТОУН

Одамон аз бари ҳам дур шаванд,
Дар паи ҳодиса маҷбур шаванд.
Раҳ ба раҳ отифаҳо ҷон бозанд,
Кӯ ба кӯ хотираҳо кӯр шаванд

ХАЗОНӢ

Барги танҳои як чанор манам,
Охирин нусхаи баҳор манам.
Акси танҳоиям дар об занад,
Турнаи монда аз қатор манам.

МАШЪАЛИ ШЕЪР

Рӯшанӣ ҷашни ману иди ман аст,
Дили афрӯхта хуршеди ман аст.
Нашавад оташи табъам хомӯш,
Шеъри ман машъали ҷовиди ман аст.

ШАДДОДИ СУХАН

Шоир аз зарри шеър хишт кунад,
В-аз бинои сухан биҳишт кунад.
Бӯса бар дасти худ занад, ки дар он
Хома таҳрири сарнавишт кунад.

ХУНБАҲО

Хилвати хомуши шаб ҷои ғазал кардани мост,
Сухани ишқ ба сад ранг даровардани мост.
Ранги сурхе, ки ба рухсори саҳар афшонанд,
Хуни маъшуқи хаёлист, ки дар гардани мост.

ҚАТЛ

Дуртар аз кӯи ишқат бурдам, ай дил,
Кушта, бар гӯри танат биспурдам, ай дил.
Куштамат, то бе ғамат хуш бошам, аммо
Пештар аз марг бе ту мурдам, ай дил.

НИГИН

Бесӯзҳо ба сӯзи дили мо фузудаанд,
Мо чашми худ набаста, қиёмат намудаанд.
Донӣ, чаро низоми ҷаҳон пош мехӯрад?
Девон зи нав нигини Сулаймон рабудаанд.

ОҚИБАТ

Зиндагӣ арсаи худфарсоист,
Орзу бофтану раҳпоист.
Худфиребист баҳои ёрӣ,
Охири кори ҳама танҳоист.


РУБОЙ

САНГИН

Гирам, ки тамоми умр ғамгин бошам,
Ғам нест, агар дар ғами мискин бошам,
Тобути маро чу дӯстон бардоранд,
Аз бори гунаҳ, мабод, сангин бошам.

ВАТАНИ КӮЧАК

Дар кулбачаи деҳа, к-аз он дил наканам,
Дар чор қадам хулоса гардад ватанам.
Он достакам, ки баъди чандин ғурбат
Бар лонаи лойии падар сар бизанам.

САБУКБОР

Сад шукр, қаноати сириштӣ дорам,
Як ҳуҷра зи як хонаи хиштӣ дорам.
Аз мӯр сабукбортарам дар тӯфон,
Аз барг ба рӯи об киштӣ дорам.

САФАРНОМА

Дар сина ба ҷои дил мусофир дорам,
Иншои сафарномаи шоир дорам.
Аз хотираам фоҷиа ояд ба қалам,
Ҳар фоҷиае рафт, ба хотир дорам.

ГУЛИ МУҲАММАДӢ

Ман аз пайи умри сармадӣ омадаам,
Дар сояи лутфи эзадӣ омадаам.
Бӯйи дили садпораи худ бишнида,
То пойи гули муҳаммадӣ омадаам.

ГАРОН

Рӯзе, ки дили ман зи задан меуфтад,
Аз саҷда ба домани Ватан меуфтад.
Азбаски гаронвазну гаронҷон шудаам,
Ойина ба вазни акси ман меуфтад.

УЗР

Ҳарчанд зи ғамбода дилам гашт хароб,
В-аз ғуссаи шаб гурехт аз чашмам хоб.
То сели сиришки ман нагардад селоб,
Дар мотами ту гиря накардам, Кӯлоб.

АЛОХУН

Ай рӯза, ту бурдӣ дили мамнуни маро,
Бигзоштӣ ин рӯҳи алохуни маро.
Бо рафтани ту ба хотири иди саъид
Савдогари бозор макад хуни маро.

ДУО

Ай миллати ман, сарат саломат бошад,
Хасми ту гирифтори маломат бошад.
Оташ нарасад бар тани озодаи ту,
Давродаврат агар қиёмат бошад.

ҲУШДОР

Ай миллати ман, бикӯш, фандат накунанд,
То бори дигар пой ба бандат накунанд.
Рӯзе, ки гиребони худатро бидарӣ,
Душман чи ки дӯстон писандат накунанд.

АКС

Аз рӯзи азал, ки пояам афтодаст,
Гаҳвора зи дасти доям афтодаст.
Донӣ, ки чаро зи пушту рӯ ҳаст сиёҳ?
Дар ойина акси сояам афтодаст.

ШАҲОДАТ

Лаънат ба ҷаҳонхораву бар даъвояш,
Аз хӯрдани сар кач нашавад симоям.
Оташбас агар нома шавад, муҳр шавад,
Бо хуни шаҳид мекунанд имзояш.

ПОДОШ

Онон, ки зи табъ гавҳарат бардоранд,
Як мушт хазаф дода, зарат бардоранд.
Рӯзе, ки ниёзашон бароварда кунӣ,
Дасти зи ҳунар тиҳӣ сарат бардоранд.

ПАЙКОН

Аз гавҳари хос лутфи Яздон дорам,
Ганҷе, ки гумон намебарӣ, он дорам.
Чун вориси Ораши камонкаш, ай шаб,
Дар таркаши офтоб пайкон дорам!

СУННАТ

Ғамкушта чу хоб меравад бе гиря,
Хоби ба азоб меравад бе гиря.
Ман гиря намекунам, чу аз чашми падар
Аз чашми ман об меравад бе гиря.

ГУМНОМӢ

Ай дӯст, саломи ман ба ёдат нарасад,
Посух ба паёми ман ба ёдат нарасад.
Бар мурдаи садсола баробар бошам,
Он рӯз, ки номи ман ба ёдат нарасад.

ҲАРФИ БОВАР

Бо хасм ҳамеша ҳарфи бовар задаам,
Дар синаи хеш неши ханҷар задаам.
Аз дидаи обрав ба хотир дорам,
Ҳар мушт, ки баъди ҷанг бар сар задаам.

ГИРИФТОРӢ

З-он рӯз, ки дар пои сухан сар мондам,
Дур аз сари сахт болиши пар мондам.
Бишкастам гардани ғурурам, ай шеър,
Вақте ки ба чорчӯбаат дармондам.

БАЁЗ

Садбарг ба сад саҳифа дафтар монад,
Яъне ба баёзи ғазали тар монад.
Дар шохаи сабз чун варақдон аст,
Бар дафтари рӯи дасти духтар монад.

ДУЗДӢ

Дар шаҳр дигар на зар, на пул медузданд,
Дуздон ҷузъе зи ҳусни кул медузданд. –
Гул неш задаст дар канори ҷода,
Аз ҳотаи гул решаи гул медузданд.

БО ХУД

Танҳо набудам, набуд бе дӯст барам,
Аз соя рафиқ доштам дар сафарам.
Ҳар гоҳ ба дастгириям буд ниёз,
Дастам бигирифт зуд дасти дигарам.

БЕДОРӢ

Пинҳон шуда дар шохаи сарве гунҷишк,
Бар рӯз барад шаби хунукро бо «ҷик!»
Ин мурғаки бумӣ дили бедори ман аст,
Оре, дили бедор ба ёди тоҷик.

ТАЛАБ

Ҳарчанд расида ҷони ширин ба лабам,
Як зарра намефарояд аз ғусса табам.
Аз таҳти дил аз Худои худ металабам:
Ҳаргиз нашавад рӯз ба ёди ту шабам.

ХУЛОСА

Бо «ҳум! ҳум!»-и беҳудаи ғамгинона
Буме будам ба хилвати вайрона.
Бо айби хаёли шоирона умре
Мерехтам аз нӯли қалам афсона.

ИҚТИБОС

Бар шохи гули фишонда монад дили ман,
Бар доғи зи лола монда монад дили ман.
Ман шеър нагуфтам, иқтибос овардам,
Яъне ба баёзи хонда монад дили ман.

РЕЗИШ

Ай барф, ки бар бому дарам мерезӣ,
Чун ёди сапед бар сарам мерезӣ.
Дар суфраи ордбезии модари ман
Аз элаки дасти хоҳарам мерезӣ.

ИРОДАТ

Ё раб, ту гувоҳӣ, ки чиҳо хоҳам кард,
Худро зи ҳавои дил раҳо хоҳам кард.
Бо қисмати мардум ошноям дорад,
Бар хонаи ғам даробаро хоҳам кард.

ЧАРОҒ

Чун лола ниҳода сар ба доғи дили хеш,
Як умр гирифтаам суроғи дили хеш.
То субҳи ҷабини ман мунаввар бошад,
Афрӯхтаам пилтачароғи дили хеш.

ЗАБОНСӮЗ

Тоҷик, зи дардат устухонам сӯзад,
Дар оташи ғурбати ту ҷонам сӯзад.
Азбаски ту мурғи оташӣ, миллати ман,
Номат ба забон барам, забонам сӯзад.

ФАРМУДА

Аз пеши худам нест, агар мемӯям,
Рухсора ба ашки хунқатӣ мешӯям.
Ҳарфе, ки марост, ҳарфи фармуда бувад,
Шеъре, ки дилам гуфт: Бигӯ! Мегӯям.

ТИФЛИ ТАНҲОӢ

Танҳоии ман пеши касам нагзорад,
Бар гӯшаи кошона кашонам орад.
Ҳарчанд ба ҷон расидам, ин тифли ятим
Аз домани ман даст намебардорад.

ИН ҒАМ...

Аз ман чӣ расидаш, ки маро бад дидаст,
Ранҷе нарасондамаш, вале ранҷидаст.
Дирӯз ба дил ҳамезад ин ғам худро,
Имрӯз дигар дар нафасам печидаст.

ТАДБИР

Ҳар рӯз гиребони диле чок шавад,
Ҳар шаб сари афрохтае хок шавад.
Як панҷа сиришк бар сари субҳ задам,
То домани олуда ба хун пок шавад.

РИЁ

Бардоштани дасти дуо баҳри худ аст,
Яъне ки ниёз бар Худо баҳри худ аст.
Аз худ нашавем то дами марг раҳо,
Бар мурдаи кас гиряи мо баҳри худ аст.

БЕЗОРӢ

Азбаски бизад хат ба сари осораш,
Гардонд Ватан рӯ зи ватанбезораш.
Чӣ мегузарад аз дили модар, ё Раб,
Вақте ки кунад зодаи ӯ инкораш?

МАСТӢ

То субҳ ба рӯи бистарам тоб хӯрам,
Бо чир - чири чирчирак сари хоб хӯрам.
Сармасти шаби рӯшанам, азбас то рӯз
Дар косаи маҳтоб майи ноб хӯрам.

РАНГ

Мардони набарда ранг дар мӯ нашаканд,
Бар гардану чона атри хушбӯ нашаканд.
То сураташон зард набинад душман,
Ҷуз хуни ҷароҳат ба сару рӯ нашаканд.

ТИМСОЛ

Бе ёди Худову бе сари таслимаш,
Бо ҷайби тиҳиву бо дили бебимаш,
Бемор кунад ҷомиаро шоири рӯз
З-он дард, ки бо шеър кунад тақсимаш.

ОСӢ

Уммед макун, нози ту бисёр кашанд
В-аз пои ту то рӯзи ҷазо хор кашанд.
Як рӯз туро, ай дили исёнии ман,
Дар қомати хамгаштаи ман дор кашанд.

ТАНҲОӢ

Дар фикри худанд хоҳару додари ман,
Он гуна, ки баччаи ману ҳамсари ман.
Дар мотами дил кас ба барам рост нашуд,
Яъне ки ба ҷуз ман набувад дар бари ман.

ҲИММАТ

Ҳарчанд ки худ ҷамъи парешӣ, тоҷик,
Дар раҳмдилӣ зи пеш пешӣ, тоҷик.
Ҳаргиз нагузорӣ кафи лӯлӣ холӣ,
Вақте ки ба фикри ҷони хешӣ, тоҷик.

ҲАҚ

Ҳарфам чу фишор дид дар ҳаҷми варақ,
Омӯхтам аз мурғи шабовез сабақ.
Шеъре, ки зи як ҳиҷост, беанҷом аст:
Ҳақ! Ҳақ! Ҳақи ҳақ! Ҳақ! Ҳақи ҳақ!
Ҳақ! Ҳақи ҳақ!..

ҲАРФИ ДИЛ

Ҷуз аз дили хеш шеъри комил накашам,
Ҷуз гавҳар аз ин баҳр ба соҳил накашам.
Пайғоми дил аст он чи ман мегӯям,
Безорам аз он оҳ, ки аз дил накашам.

НАЙЛАБАК

Аз ҷумла ҷаҳон бурида, пайванди худам,
Аз қайди ҳама раҳида, дар банди худам.
Оҳанги фироқ аз сириштам хезад,
Ман найлабаки дасти Худованди худам.

ПУШТӢ

Душман чӣ кунад, Худой дар пушти ман аст,
Ҷуз номи хушаш ҳама фаромушти ман аст.
Ризқи азалӣ фишурда дар мушти ман аст,
Пистонаки тифлиям сарангушти ман аст.

АЛОВДАРСАР

Ҳарчанд сиёҳманзар астӣ, ай шаб,
Дар хонаи хуршед дар астӣ, ай шаб.
Бо машъали маҳтоб, ки дар панҷаи туст,
Зангии аловдарсар астӣ, ай шаб!

ХОНИШ

Ай кабк, чу ман тарона дар лаб дорӣ,
Хонандаи пуштиӣ, ки мактаб дорӣ.
Шояд ки намози субҳро мехонӣ,
Ман "қақва" бигираму ту "ё Раб!" дорӣ.

ҚАФАС

Ай кабки дарӣ, бо қафасат соз магир,
В- ин панҷара як ҳанҷара овоз магир.
Ҳарчанд зи чанголи уқобӣ эмин,
Парбастагият ба ҷои парвоз магир!

ҚУРБАТ

Дар шонаи кӯҳ хона дорад тоҷик,
Монанди уқоб лона дорад тоҷик.
Чун дасти Худо рӯи сари тоҷик аст,
Тоҷик ба кӯҳ бар Худо наздик аст.

НОМА

Дил рӯи кафам ниҳодае беш наям,
Қишлоқии софу содае беш наям.
Бо сафҳаи пешонии бикшодаи хеш
Ман номаи саркушодае беш наям.

ТАРКИШ

Не хайма дар Офтоб, не Моҳ бизан,
Дар домани дашти амн хиргоҳ бизан.
Таркондани андӯҳ ҷиноят набувад,
Вақте ки дилат буғз гирифт, оҳ бизан!

ХУНИ ШЕЪР

Шоир нашудам, надида ишканҷаи ғам,
Ранҷи сухан он кашад, ки шуд ранҷаи ғам.
То шеър таровад аз димоғам чун хун,
Дилро чу анор меҷафад панҷаи ғам.

КИЗБ

Ман даъвии кашшофии анҷум накунам,
Аз ризқ талаб ҷуз обу гандум накунам.
То ҳарфи дурӯғ аз миён бархезад,
Бо шеър сухан миёни мардум накунам.

ТАМӮЗ

Имрӯз, ки танҳои хиёбон шудаам,
Пажмурдатар аз барги гиёҳон шудаам.
Ҳар зарраи ман гарм чу реги саҳрост,
Ман низ чу шаҳр як биёбон шудаам.

ҚУФЛ

Гар синаи ман биркаи хун афтодаст,
Ман ҳадс намезанам, ки чун афтодаст.
Бикшодани сина ғайримумкин бошад,
Дил қуфли дар аст, к-аз дарун афтодаст.

ҚИСМАТ

Бори ду ҷаҳон миёни роҳ аст маро,
Дар сояи лутфи Ҳақ паноҳ аст маро.
Дар рӯи замин ризқи самоӣ дорам,
Як халта зар аз хирмани моҳ аст маро.

ДАРД

(Бахшида ба рӯзи шеър)

Ҳарфам, ки дар он накҳати гулшан набувад,
Бе доғи дили лола музайян набувад.
Ҳарчанд ки бе байти тахаллус бошад,
Шеъре, ки бадард нест, аз ман набувад.

РАСМ

Ҳастам мани қишлоқии сардаргуми шаҳр
Ҳайратзадаи бори намечандуми шаҳр:
То расми шикаст аз миён бардоранд,
Аз сим кунанд кӯзаро мардуми шаҳр.

НАҚС

Ҳар гаҳ зи қазо хасми бузурге бирасад,
Ҳар дам хабари марги сутурге бирасад.
Тоъуни куруно ба башар дод нишон,
К - ӯ раммаи меш аст, чу гурге бирасад.

СИДҚ

"Ғам мегузарад" далели маҳкам бошад,
Ай кош, ҷаҳон ҳамеша беғам бошад!
Аммо чӣ кунам бо дили қишлоқии худ,
"Мотам!" гӯяд, агарки мотам бошад.

СУОЛ

Ай абр, барои дили кӣ гиря кунӣ?
Бар уқдаи кӣ, мушкили кӣ гиря кунӣ?
Охир, хабари марги кӣ дар гиряи туст?
Дар боми кӣ, дар манзили кӣ гиря кунӣ?!

ТАЛАБ

Мо толиби меваи дарахти Ватанем,
Ҳарчанд ки дар тарбияташ ҷон наканем.
Гар аз сари дӯши ӯ наоем ба зер,
Бо вазни гарони худ зи пояш фиканем.

АРМОН

Чандест ҳаёти хона беранг шудаст,
Болишт, ки такя мезанам, санг шудаст.
Бо тифлаки худ бонг задам ин саҳарӣ:
"Ай кӯча, барои ту дилам танг шудаст!"

ҚУРБОНӢ

Ҳар ҷо, ки суханварест, кай дер кунад
Дар шарҳи ғами бало, ки тасвир кунад.
Шоир накунад ҷавонӣ аз боиси ғам,
Андӯҳи паёпаяш сияҳпир кунад.

ДАР СӮГИ УСТОД МУҲАММАДАЛИИ АҶАМӢ

Бар марги ту чашм хунчакон гиря кунад,
Дар хонаи чашмам осмон гиря кунад.
Мағзам ба даруни устухон об шавад,
Чун токи бурида устухон гиря кунад.

ОРЗУ

Гар хоби ҳама бистару болин медошт,
Бехобии ман рутбаи "ширин" медошт.
Ай кош, шаби дуои хайрам то субҳ
Бикшода кафи ҳилоли омин медошт.

ЧОКАК

Вақте зи ғубор хайма бебок занад,
Бар дидаи ахтарон замин хок занад.
То чок занад теғи шафақ синаи субҳ,
Дар хилвати шаб мушти паре "чок!" занад.

ҶАСОРАТ

Имрӯз ҳама сина дамондан дорем,
Аз маргу ҳаёт нағма хондан дорем.
Дар пеши аҷал ҷасорати мо кофист,
Зеро ки умеди зинда мондан дорем.

УРФ

Тоҷик чӣ ғам зи ҳарфи мардум дорад,
Беҳуда магӯ, ки тоҷи худ гум дорад.
Чун қиссаи гандум аст дар матни биҳишт,
Бечора ба сар ҳавои гандум дорад.

ХОБ

Бечора дилам, к-аз пайи паймон рафтаст,
Нохоста зери барфу борон рафтаст.
Бар хастаи ман раҳм намо, ҳеҷ мадеҳ
Овоз, ки бар хоби зимистон рафтаст.

ДУРАНГӢ

Ҳарчанд ғам аз нишоти ман нест бурун,
Берун наҷаҳам зи ҳалқаи ишқу ҷунун.
Шодии ғамолудаи ман монанд аст
Бар хандаи субҳ бо даҳони пурхун.

ДОРИ СУХАН

Шоир, ки нашуд кушта ба пайкори сухан,
Ҳаргиз нарасад ба ҷое аз кори сухан.
Мансур ба як вожа шаҳодат талабид,
Болост сари кашида бар дори сухан.

СОЯСОР

Як ҷуфт дарахти бед айёми баҳор
Бар марқади модарам кунад соя нисор.
Бандам ду ҳазор латта, аммо надиҳам
Як шоха аз ин ҷуфт ба кас чӯби мазор.

ТИРАМОҲ

То боди хазон ба боғ ҷорӯ задааст,
Бар хок гулу гиёҳ паҳлӯ задааст.
Бо зардии барги тоқа дар шохи чанор
Дарди дили рӯзгори мо рӯ задааст.

КАТИБА БАРОИ САНГИ МАЗОРИ ДӮСТИ ШОИРАМ НУРИДДИН СӮФИЗОДА

Кони ғазале, ки буд дар синаи ту,
Бар хок бирафт ҳамчу ганҷинаи ту.
Дар фасли хазон рӯзи маро кард сиёҳ
Хунинкафании субҳи одинаи ту.

БАР САНГДИЛ

Дар панҷаи ту каштали мардум бошад,
Дар кори ситам ҳисоби ту гум бошад.
Фардо чӣ кунӣ бо ҳама оташхӯйӣ
Дар конуне, ки санг ҳезум бошад?

ДОИРА

Ҷуз ҳодиса зиндагонӣ ово нашавад,
Ку он ки дар ин ҳодиса расво нашавад.
Гар нақши дар об аст ҳаёти одам,
Бе санги бағал доира пайдо нашавад.

ҒАФЛАТ

Эй он ки маро заиф ангоштай,
Ту аждари хуфта мурда пиндоштай.
З-ин ҷо, ки дирафши фатҳ афроштай,
Фардо нигарӣ, ки рахт бардоштай.

ҒУРБАТЗАДА

Ай додари рӯ ба ғурбат овардаи ман,
Бо луқмаи нон ғами сафар хӯрдаи ман.
Тарсам, зи мусофириву ғурбатзадагӣ
Ҳозир нашавӣ ту низ дар мурдаи ман.

МЕРОС

Зар нест, ки гӯям зари ман мемонад,
Мерос зи баъди сари ман мемонад.
Садҳо қалам аз дафтари ман бесар шуд,
Баъди сари ман дафтари ман мемонад.

КОҒАЗИ МОҲ

Дар дил ғазалам ғизоли хоб аст ҳанӯз,
Дар сина ҳазор шеъри ноб аст ҳанӯз.
Шеъре, ки навиштаму накардам чопаш,
Дар коғази зарди моҳтоб аст ҳанӯз.


ДУБАЙТӢ

БЕЭЪТИБОР

Чӣ хоҳӣ гуфт андар рӯзгоре,
Ки бишнидан надорад эътиборе?
Ба шеъри шоири имрӯз фардо
Ниёз орад фақат лавҳи мазоре.

ГИРИФТОРӢ

Маро пешат гаравгон дорӣ, эй шеър,
Даме осудаам нагзорӣ, эй шеър.
Кунӣ таъқиб оҳуи диламро,
Ту шери бешаӣ, хунхорӣ, эй шеър.

ШУМОР

Қасам бар санги талха, реги гурда,
Бимонад ғуссаҳоям ношумурда.
Фишори зиндагӣ аз даст хезад,
Гиребонгир шуд дасти фишурда.

БОХТ

Задам шӯри қиёмат, шаст додам,
Ба дунё хешро пайваст додам.
Ҷаҳонро ёфтам аз рӯи хоҳиш,
Худамро дар миён аз даст додам.

ҶОДА

Куҷо шеърофаринӣ шеърдонист,
Суханпардозӣ аслан ҷонфишонист.
Ҷу ман онро, ки дил андар забон аст,
Дами шамшер роҳи зиндагонист.

ХУДӢ

Агар миллат худашро дарнаёбад,
Ба худ бегонаро ёвар наёбад.
Агар оташ бигирад марзу бумаш,
Ҷаҳонро ҷуз тамошогар наёбад.

МАҲФИЛ

Ба ҷуз ваҳшат зи олам ҳосилам нест,
Касе ҷуз сояам дар маҳфилам нест.
Якеро ғайри дил заҳмат надодам,
Гиребонгири ман ғайри дилам нест.

ҚУДС

Ватан, боли уқобонат муқаддас,
Ғурури сабзи мардонат муқаддас.
Бигирад душманатро хуни ноҳақ,
Ватан, хуни шаҳидонат муқаддас!

ПУРСИШ

Ту «ғайн»-и чашми гирёнро чӣ гӯӣ?
Ту «мим»-и ашки мижгонро чӣ гӯӣ?
Агар аз ҳар ғами дигар хамӯшӣ,
Ғами хуни шаҳидонро чӣ гӯӣ?

РУҶӮЪ

Агар ман низ созе менавозам,
Макун, ай дӯст, вайрон ҷӯри созам.
Чаро ин пандҳо? Дилбеҳузурам.
Чаро ин маслиҳатҳо? Бениёзам.

ИМТИЁЗ

Надорад имтиёз афтода дар хок,
Сари озода дорад зеби афлок.
Ба ҳам печидани ёрон ҳаёт аст,
Раги хуни сафедор аст аз ток.

ДАРЁ

Куҷо аз хомушӣ бунёд дорам,
Ба лаб то рӯзи пурсиш дод дорам.
Дами дарё бубастан нест ором,
Мани дарё ҳамин фарёд дорам.

ЗИНДОНИ ДИЛ

Зи давлат нест бо ман ғайри номе,
Магар ҳарфе, ҳиҷое ё каломе.
Шудам зиндонии дил то қиёмат,
Зи зиндонӣ ба озодон саломе.

АСАР

Азизон бар дилам таъсир карданд,
Диламро шери дар занҷир карданд.
Бидуздиданд вақти қиматамро,
Маро пеш аз ҷавонӣ пир карданд.

ҚАЛБ

Сиришти одамӣ аз инқилобе
Бигардад каждуме, бабре, уқобе.
Ман аз афсона тарсидам, чу хондам,
Ки тимсоҳе фурӯ бурд офтобе.

ДИЛИ БЕДОР

Кучо дурри суханро суфта бошам,
Ки шаб илҳом ояд, хуфта бошам.
Туӣ ҳарфи дили бедорам, ай шеър,
Дилам хоҳад, ки ҳарфаш гуфта бошам.

ТАРДИД

Чи ҳоҷат, ки насиме ояд аз дар
Барои бурданат, ё боди сар-сар.
Туӣ нозуктар аз барги гули тар,
Ба оҳе мешавӣ, ай ишқ, парпар...

АЗ ГИРЯ ТО ХАНДА

Нагардад хаста чун тифли замона
Баҳор аз гиряи рӯзу шабона.
Ба хатти барқ дар гардун навиштанд:
Бихандад гул, вале бо тозиёна.

ЗИНДОНӢ

Дило, ҷуз ту надидам оқилеро,
Ки зиндон кард бо худ манзилеро.
Чӣ мепурсӣ хабар аз вазъи берун?
Намепурсад касе он ҷо дилеро.

БЕОХИР

Надонам охири шуғли дигарро,
Валекин шоирӣ охир надорад.
Хаёлоти дурӯғин мефурӯшад,
Умед аз охират шоир надорад.

ИШТИБОҲ

Зи нодонӣ агар рӯ кардам, ай дӯст,
Ба танҳоӣ дигар хӯ кардам, ай дӯст.
Чунон рафтӣ, чунон омад ба як зуъм,
Ки ӯро ту, туро ӯ кардам, ай дӯст!

ШАҲРИ ГУЛ

Насим аз нози арғушташ нагардад,
Шукуфондан фаромушташ нагардад.
Агар чун лола таркад қалби ошиқ,
Касе дар шаҳри гул пушташ нагардад.

КӮЧ

Шавад гум, ҳар ки аз манзил бикӯчад,
Барад обаш, агар соҳил бикӯчад.
Фаромӯшӣ надорад чора ҷуз васл,
Касе, к-аз дида рафт, аз дил бикӯчад.

БА ЁДИ АБРОР

Рафиқи аввалину охиринам,
Бидунат дар ҷаҳон танҳотаринам.
Чу маргатро намехоҳам шунидам,
Мазоратро намеёрам бубинам.

ДУРӢ

Аҷаб коре рафиқон ҷӯр карданд,
Маро якбора аз худ дур карданд.
Бибурданду бикуштанду нагуфтанд,
Напурсида диламро гӯр карданд.

САЙҚАЛ

Мазан бар остин дар кинаи мо,
Ки сайқал ёфт дил дар синаи мо,
Навозиш мекунад санги ҳасудаш,
Шикастан нест дар ойинаи мо.

КУШТОР

Маро афтода бо дил кор мушкил,
Шабоҳат дорад он бар теғи қотил.
Касонро мекушад теғи аҷал, лек
Маро дил мекушад, дил мекушад, дил!

ПИРӢ

Барояд гоҳи рафтан ҳаш-ҳаши ман,
Намеояд аз ин аммо ғаши ман.
Ба сози зарбии фарсуда монад
Дили ман – таблаки зери каши ман.

БАРОИ ДӮСТ

Ту дар сад сол ҳам дардам наёбӣ,
Барои захми дил марҳам наёбӣ.
Чу одам мурдан осон нест, тарсам,
Ки рӯзи дафни ман одам наёбӣ.

АКС

Агар, эй барф, иқболи сафедӣ,
Наорӣ бар дилам ҷуз ноумедӣ,
Ки ҳар гаҳ бар сари сарве буборӣ,
Сиёҳии сарамро ёд орӣ!

ТАРК

Ту вақте омадӣ, ғам додиву дард,
Дили гармам шуд аз дастат яхи сард.
Агар ҳатто никоҳат карда бошам,
Талоқат медиҳам, ай ишқ, баргард!

МАСЛИҲАТ

Намегӯям, ки қаҳру моҷаро кун,
Ду гӯшамро пур аз ҳарфи «чаро?» кун.
Мабодо, буғзи ман таркад зи чашмам,
Бирав, Нӯҳеву киштие киро кун!

НОБОВАР

Дилам пушти дари ишқи ту бошад,
Бадар аз бовари ишқи ту бошад.
Панаҳ дорад Худо аз ишқи пирӣ,
Дили ман шалпари ишқи ту бошад.

ТАН ГИРИФТАМ

Ба ҷои дил ба бар душман гирифтам,
Худоё, дил на, Оҳарман гирифтам!
Даме нагзорадам осуда бошам,
Агарчи бахти бадро тан гирифтам.

ДУ ҚИСМАТ

Бале, тарфи хиёбон сабзу зебост,
Биҳишт, аммо канори чашма пайдост.
Маро дар як Ватан бошад ду қисмат,
Худам дар шаҳр, дил дар кӯҳу саҳрост.

ЭҲЁ

Танам дар бистари сад пушти ман буд,
Зулоли ашк дар ангушти ман буд.
Аҷал шармид ҷонамро рабояд,
Ки ҷон дар сина не, дар мушти ман буд…

БЕМОРИСТОН

Ҷаҳон монад ба як беморхона,
Дар он шоиста дукторе набошад.
Агар рӯяш бигардонад Худованд,
Ба беморе парастаре набошад.

ДОВАР

Надорад вақт бар шоир тараҳҳум,
Худаш пайдову шеъраш мешавад гум,
Агар дардаш набошад дарди ома
В-агар ҳарфаш набошад ҳарфи мардум.

ШЕЪРИ ШАФАҚ

Хати сурх аст тақдире, ки дорам,
Қалам гиряд ба таҳрире, ки дорам.
Ба ман шеъри шафақ таъсир дорад,
Дил асту лола тасвире, ки дорам.

ШОИР

Дар он боғам, ки афсурдан надорад,
Гуле бӯям, ки пажмурдан надорад.
Биҳиште кардаам аз шеър бунёд,
Дилам ҳаргиз ғами мурдан надорад.

МАЗОР

Ҳаётам баъд аз ин фасли хазон аст,
Ба чашмам заъфаронӣ бӯстон аст.
Кунам сарфи тавофаш боқии умр,
Дилам дигар мазори дӯстон аст.

СӮЗ

Чу қақнусам зи оташ баргу бор аст,
Маро ҷуз сӯхтан дигар чӣ кор аст.
Касе аз ҳоли ман огоҳ бошад,
Ки дар чашмаш қиёмат ошкор аст.

СУОЛ

Ба ранги решаи фарку зарангат
Бигирам дар бағал то ин ки тангат,
Ҳамепурсам, куҳистони азизам,
Барои гӯри худ як пора сангат.

БЕСУД

Харидоре надорад нолаи ман,
Ба кас лозим, мабод, ин колаи ман!
Нашуд маълум дар панҷоҳу панҷам
Чӣ мехоҳад дили садсолаи ман.

РӮИШ

Накардам хомаро аз парри қуе,
Ки шеърам пур шавад аз ҳою ҳӯе.
Ғазал кардам, агар рӯйид аз дил
Умеде, хоҳише, ё орзӯе.

САРМОЯ

Фаромӯшӣ диламро доя бошад,
Парешонӣ сару сармоя бошад.
Касе медонад аҳволи ман имрӯз,
Ки бо девонае ҳамсоя бошад.

ДАР ОЙИНА...

Дар ойина рухамро пир дидам,
Ба нӯги остин рӯяш шакидам.
Ғубори оҳи ман ойина бигрифт,
Ба ангуштам ҷавониро кашидам.

ПОРА

Чунон чархад сари овораи ман,
Ки дил раҳгум занад дар чораи ман.
Агар ман пора бистонам, ҳалол аст,
Ғами мардум бувад чун пораи ман.

ПУНБАИ МОҲ

Ҳама ашъори ман эҷоди ишқ аст,
Зи дил хезад, ки аз авлоди ишқ аст.
Шаб аз маҳ пунбадаргӯш аст, зеро
Зи ман гӯшаш пур аз фарёди ишқ аст.

МУБОРАК

Диле дорам ба мулки сина тоҷик,
Ки ҷуз ишқаш набошад хеши наздик.
Паёми ишқам ояд ҳар шаб аз ғайб,
Худамро мекунам ҳар субҳ табрик.

МУШТЕ ОЗОДАГӢ

Чу муште хокам андар дасти боде,
Чӣ ҳоҷат бар дурӯғи зиндабоде?
Чу миннатҳост андар ёдкардам,
Намехоҳам кунанд аз банда ёде…

ОШИҚОНАИ САҲАРГОҲӢ

Ҳилоле, к-остин такконду бигзашт,
Маро чун гарди шаб афшонду бигзашт.
Дамад то чун шафақ аз чашми ман хун,
Ба болои дилам по монду бигзашт.

МУҲРАИ ДИЛ

Касе, к-аз сӯзи дил бо ман нишастаст,
Зи андӯҳи дилаш ҳаргиз нарастаст.
Дили ман муҳра дар тасбеҳи дилҳост,
Шикасташ муҳраи дилҳо шикастаст.

МУҚИМ

Қиём овардаам қабл аз қиёмат,
Барам, ай кош, имонро саломат.
Дар ин дӯзах кунад чун шуъла бебок
Дили ман дар сари оташ иқомат.

ДУЙ

Агар гӯям ҳақиқатро, ҳамин аст:
Лабам хандон, вале рӯҳам ҳазин аст.
Забонамро намефаҳмад дигар дил,
Ту гӯй байни мо сад сарзамин аст.

ИНЗИВО

Диле чун хонаи худ танг дорам,
Зи дилтангӣ ба хоб оҳанг дорам.
Мани шаҳрӣ чу фарзанди куҳистон
Таги сар аз пари қу санг дорам.

ҲИКМАТ

Башар бо бими ҷон чун кор дорад,
Дуову саҷдаи бисёр дорад.
Агар ҷонаш амон монад, бубинӣ,
Худоро аз дигар инкор дорад.

ҲАМСАФАР

Маро аз дил касе беҳтар надонад,
Нагирад ёри раҳ, берун нахонад.
Агар худро кунам дар хона зиндон,
Дилам дар кӯчаҳо танҳо бимонад.

СИДҚ

Агар сад ҳусн дар бунёд дорад,
Дурӯғи шеър бар табъам нафорад.
Чу қасдам ростӣ бошад зи изҳор,
Хушам аз гиряам, гар ханда орад.

ФИШОР

Бад-ин гуна заданҳои башасташ
Занад хунам ба сар вақте зи дасташ,
Фишорам бар сари дил ҳарду дастам,
Ки овозе наояд аз шикасташ.

АНДӮХТА

Ба перомунам аз ёрон асар нест,
Ба ғайри сояам ёри дигар нест.
Чу рӯзе аз ҳунар пурсанд, гӯям:
Маро ҷуз касби танҳоӣ ҳунар нест.

ОЗАРМ

Ман аз худ хотири озурда дорам,
Ба фасли гул дили афсурда дорам.
Кунам аз зиндагиву шоирӣ шарм,
Ки дар тобути шеърам мурда дорам.

ПАРЕШОНӢ

Худоё, тоза гардон довариро,
Зи ман бардор беповусариро.
Таҳаммул чун кунам дар шаҳри холӣ
Мани шаҳрӣ ҳаёти барбариро?

МӮСИЧА

Агар дар деҳа бар ёрат супорам ,
Туро бозича медонад, дил, ай дил!
В- агар дар шаҳр бар пояш гузорам,
Туро " мӯсича!" мехонад, дил, ай дил!

САРНАВИШТ

Ниҳам ангушт бар пешонии хеш,
Кунам ҳиҷҷа хати сарсонии хеш.
Чу сими хори зиндон аст ин хат,
Манам дар пушти он зиндонии хеш.

ҲАЙРАТ

Надорам ман аҷаб аз хайли хаффош,
Ки шамъи равшанам хомӯш карданд.
Аз он мардум аҷаб дорам, ки ҳарфам
Нафаҳмиданд, аммо гӯш карданд.

ЧАТРИ ДИЛ

Аҷаб тарҳе фалак ин ҳафта бастаст,
Ки як тан аз нами ашкаш нарастаст.
Азизони маро борон кунад тар,
Дилам чатрест, к- аз тӯфон шикастаст.

ОГОҲӢ

Агар набвад туро дарди дили мо,
Бинеҳ аз сар ҳавои маҳфили мо.
Маё ин сӯ барои меҳмонӣ,
Ки аз ғам нест ҷо дар манзили мо.


ФАРД

ҶАЗО

Агар фитод дили ман ба зери сумби ғамат,
Сазои ӯст, куҷо меравад зи думби ғамат?

ГУРУСНА

Нахест аз хони шаб то дер шоир,
Нашуд аз хӯрдани ғам сер шоир.

БАДНОМ

Зинда медорӣ маро ту то абад,
Зинда бошӣ, зинда бошӣ, номи бад!

ҶУНУН

Чу ӯро бо Ватан пайванди хунист,
Кунад даъвои ишқаш кас, ҷунунист.

НАШЪА

Нашъаи пайғамбарӣ рафт аз ниҳоди шоирӣ,
Шоири имрӯз пайғамбар шавад, беуммат аст.

БАЙТИ НИМАШАБӢ

Аз тамоми шуғлҳо моҳе тавон рафтан канор,
Шоириро лек таътиле ба ғайри марг нест.

ТАРК

Бипурсид орзуямро, ба сӯи ҳар ки рӯ кардам,
Нагӯям то дигар афсона, тарки орзу кардам.

САПЕДА

Аз гиряи осмон дамад субҳи умед,
Хокистари шаб мешавад аз ашк сафед.

ГУСЕЛ

Бипурсидам: «Киро дар ҳалқаи ёрон гуселонанд?»
Шунидам: «Ишқро бар хонаи пирон гуселонанд!»

НИШОН

Шоире, к-анбози булбул мешавад,
Дар зимистон чатраш аз гул мешавад.

БАЙТЕ БАРОИ ШОИРОН

Шеър ҷуз шӯрии пешонӣ нест,
Шоирӣ ғайри парешонӣ нест.

ГИРЯ

Намеафтад зи чашмам оташе бар домани ҷоне,
Надорад оташак абре, ки дар даймоҳ меафтад.

ТАБ

Дилам дар ошёни сина пар-пар мезанад боз,
Худоё, чӯҷаи шаҳбоз дорад майли парвоз!

ДАР ЛУЧОБ

Аҷал аз шоирони номдор аст,
Аз ӯ девони сангии мазор аст.

ХОТИРА

Бигзашта ба ёди дӯстон мемонад,
Баъд аз сари лола бӯстон мемонад.

БАЙТИ ИСТИҚЛОЛ

Якоякро ба истиқлоли тан табрик мегӯям,
Ба истиқлоли ҷон бояд расидан, лек мегӯям.

МУШКИЛ

Хушитон орзу дорам, вале амре зи боло нест,
Шуморо ханда мебояд, маро ҷуз гиря коло нест.

ДАР ГУЛБОҒИ МОДАР

Кай аз раги гул холиқи моро сари дурист,
Такбири маро гӯш ҳазорон гули сурист.

ИҚРОР

Мабанд, ай бутшикан, чун ман ба худ дил,
Бути худро шикастан ҳаст мушкил.

БЕМАРГӢ

Тамоми сол механдад гули садбарги боғи модари ман,
Намеояд ба марги соҳиби ин боғ ҳаргиз бовари ман.

ТАРДИД

Тарсам, ки иборат аст аз ашки малак
Дар фасли тамӯз гиряи чашми фалак.

ҲАСРАТИ ҶОВИД

Худоё, зинда созӣ модарамро,
Намебардорам аз пояш сарамро!

СӮЗ

Мотам аст имрӯз, ҷашне нест, ашки дида беҳ,
Гиряи хомӯш аз сад хандаи таркида беҳ.

ҶАБР

Дар пайи тадбири дигар кардани тақдири хеш,
Хандаро мехонам, аммо гиря меояд зи пеш.

ХИЛВАТ

Дило, фарёд зан дар кунҷи хомӯш,
В- агарна мешавӣ чун ман фаромӯш!

ТАРЁК

Агар гардад ғами ишқам фаромушт,
Ғами наҳси куруно хоҳадам кушт.

НАХОНДА

Барф! Ба қалби ғунчаҳо қатъи умед мешавӣ,
Қатли шукуфа мекунӣ, марги сафед мешавӣ.

ХОТИРДОРӢ

Барои он ки дили шаҳрро наёзорем,
Чу лола доғи дили хеш дар бағал дорем.

ГИРЯ

Дилам гирифт аз ин рӯзгори боронӣ,
Мабод, гиря шавад ин баҳор арзонӣ!

ХАНДАИ МАРГ

Тани шоир аз ин озарм мирад,
Ки дилро аз дурӯғаш ханда гирад.

ХИЛОФ

Шерони кӯҳро ба хиёбон гузор нест,
Зеро, ки сангфарш раҳи беканор нест.

ФОХТАИ ДИЛ

Дур аст раҳи ишқ, ки андар тайи манзил
Болу пари худ рехтаӣ, фохтаи дил!

ТАЛХБАЙТ

Аз хона бурун рафтанам ин субҳ гарон аст,
К- ай чашмгурусна, зи ту ҷонам нигарон аст.

БЕДОРӢ

Зи хоб дидаи ман дар шаби Ватан орист,
Қасам ба чашми шақоиқ, баҳор бедорист!

СУРУД

Бурун зад аз дили мурғи саҳаргоҳ
Суруди ишқ, оре, ишқи Аллоҳ.

БА УСТОД ҶОНИБЕКИ АСРОРИЁН

Асрори ҳазорсолаҳо медонӣ,
Бе ҳеҷ шаке бар тани дониш Ҷонӣ.

КУҲАН

Муборак соли нав бар марду зан бод!
Ҳама нав бод, ишқ аммо куҳан бод!

ҲИҶРАТ

Ҳиҷрати парвонаҳо донӣ зи чист?
Сӯхтан дигар баҳои ишқ нест.

ВАҲДАТ

Кӣ гуфт, одам аз одам ба зери чарх ҷудост,
Касе, ки ёри Худо нест, ёри ғайри Худост.

МУНДАРИҶА

Ҳадиси муҳаббат ……5
Ғазали ишқу Ватан ……6
Шиноснома ……7
Ҷоиза ……8
Дасти ширин ……9
Биҳишти мурғон ……10
Гули армон ……11
Нахли орзу. ……12
Пари мурғи саҳар ……13
Дили ман чу тифли беҷон ……14
Иншо ……15
Ғунчаханд ……16
Ғазали фарёд ……17
Дар оҳанги як ғазал ……18
Ғазал ……19
Ятими кул ……20
Ормон ……21
Рам ……22
Дар баҳои зиндагӣ ……23
Хитоба ……24
Дилеву гуле ……25
Ғазал ……26
Ҳавас дорад ……27
Ғазал ……28
Сипос ……29
Шабовез ……30
Ҳамқисмат ……31

Достони вахш ……..……..…..32
Шикаст ……..…..34
Носур ……..…..35
Ғаме дорам……..…..…36
Такрори ғазал ……...37
Фол ……..…….....38
Гавҳари умр ……..…….…39
Савганд ……..…….40
Қурбонӣ ……..…….....41
Дучарха ……..…….....42
Меҳроби Ватан ……..…..44
Мурғи орзу ……..…….....45
Ғазали дастҳо ……..……..46
Ба чанори пир ……..…….47
Дар пои хома ……..……..…48
Ғамбода ……..…….……..50
Ғазал ……..……..…....51
Чакомаи шоир ……..…….....52
Чароғи шикаста ……..……....55
Хабаре нест ……...56
Ҳарфи рӯз ……..57
Посух ба ҳаким Фирдавсӣ ……..……....58
Бо ятимон хушдилам ……..…….....61
Баҳои озодӣ ……..62
Аз ҷойи воқеа ……...63
Дар сӯги устод Сайдалӣ Саид ……64
Чакомаи дард ……..……..…..66
Орзуи боқӣ ……..……69
Тоҷикона ……...70
Ғазал ……..……71

Хоро ……..72
Дили сурх ……..……..73
Баъди Бозор қаламро шиканед! ……..74
Зинҳор ……...76
Тӯша ……..77
Умед ……..78
Дори баланд ……79
Ҷангали захмин ……80
Борон ……..….82
Нуқтаи охир ……..84
Дасти омин ……...86
Дили ғариб ……...87
Гули ғам ……..……...88
Ҳасрат ……..…….....89
Талқин ……..……90
Ғазали дил ……..….91
Фарёди ҷовидон……..….92
Бутлон ……..…….....93
Ғазали озодагӣ ……...94
Умеди зинда ……..95
Бехабар ……..96
Аланга ……..……97
Шокӣ ……98
Доғи дил ……..…….....99
Гулхан ……..100
Ғазал ……...…….....101
Суруди танҳоӣ ……...…..……102
Ногузир ……..…….....103
Ғазали шаҳодат ……...……104
Ҳарфи сурх ……...……...105

Шеъри дард ……..…106
Дар марқади Муъмин Қаноат …….....107
Садои ишқ ……..……108
Дар шаҳодати ишқ ……....109
Ангорае барои дӯстам Сафват ……...……...110
Дарахт ……..112
Ғазали истиқлол ……..113
Рисолаи дард ……..……114
Матни зиндагӣ ……..……...115
Беохир ……...……..116
Дар зери борон ……..……..117
Дар сӯги шукуфа ……..……..….118
Бе ишқ ……...……..119
Ишқ монданист ……120
Бе хати озодӣ ……...121
Ғами сурх ……122
Хандаи гул ……..……123
Мурғи оташ ……..……124
Ғазали бехобӣ ……..……125
Ғазал ……126
Китоби дард ……..…….…127
Фарёди дард ……..……128
Сиёҳнавис ……...129
Занги дил ……....130
Қафасӣ ……..132
Диламрову ишқро ……..133
Сарви хитоб ……...…….....134
Ғурбат ……..……136
Қадр ……..……....137
Ғазали ночорӣ ……....138

Хоҳиш ……..139
Ғазал ……140
Пайк ……141
Такфин ……...142
Ғазал ……...143
Шодиёна ……144
Ҳарфи оҳ ……..145
Мурғи танҳоӣ ……..146
Умеди ниҳоӣ ……...147
Муҳри меҳр ……....148
Бенишон ……....150
Ятим ……...151
Дар сояи ғам ……152
Соати зиндагӣ ……153
Ҳаргиз ……..154
Саҳра ……155
Бебаҳона ……156
Ғазал ……157
Сад ғазал орзу ……158
Забони фарёд ……...159
Сукут ……....160
Дигар бе ишқ ……..…161
Гули фирдавс ……...162
Барои фасли мавлуд ……...163

Қитъа ва чаҳорпора ……..164
Рубоӣ ……...169
Дубайтӣ ……...191
Фард ……209

Мундарича ……...…218

Китоб бо тамғаи нашриёти «Адиб» ба табъ расидааст.

Давлати Раҳмониён

Дар сояи қалам

Муҳаррир:
Хурсандӣ Ҳоҷимурод

Муҳаррири нашриёт:
Сафар Амирхон

Ҳуруфчин:
Бузургмеҳри Ҳаким

Ороиши компютерӣ:
Сафомуддин Чақалов,
Гуландом Чақалова

Ба матбаа 20.01.2021 супорида шуд
Ба чопаш 09.02.2021 имзо шуд
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$ ҷузъи чопӣ
Адади нашр 200 нусха
Нархаш шартномавӣ